آواز تاجیک

*Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад*

Номҳои пешинаи рӯзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991)

Бани одам аъзои якдигаранд!

# Овози тоҷик

20 июли соли 2024
Шанбе
№ 58 (15069)

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

# МУЛОҚОТИ САМИМИИ ПРЕЗИДЕНТҲОИ ӮЗБЕКИСТОН ВА ҚИРҒИЗИСТОН ДАР ХОРАЗМ ИДОМА ЁФТ

**Бинобар даъвати Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон Садир Ҷапаров 18-19 июл дар мамлакатамон ташрифи давлатӣ дошт.**



Зимни мулоқотҳое, ки дар Тошканд дар дараҷаи олӣ баргузор гардид, муоҳидаҳое ба даст омаданд, ки ба манфиати ҳар ду мамлакат хидмат менамоянд. Роҳбарони давлатҳо Изҳороти муштаракро дар бораи минбаъд амиқсозӣ ва вусъат додани шарикии стратегии фарогир ба имзо расонданд. Умуман ҳангоми ташрифи давлатӣ 16 ҳуҷҷат ба имзо расид. Ба бисёр лоиҳаҳои муштарак дар соҳаҳои энергетика, автомобилсозӣ ва саноати бофандагӣ ибтидо гузошта шуд.

Гуфтугӯйи самимии пешвоёни Ӯзбекистон ва Қирғизистон дар Хоразм идома ёфт.

Сарвари давлатамон Шавкат Мирзиёев ва Президенти Қирғизистон Садир Ҷапаров ҳамроҳи хонумҳои аввали ду кишвар аз маҷмааи Ичан-қалъа ва маҷмааи саройи Нуриллобой дар шаҳри Хива дидан карданд.

Соли 1990 шаҳри Хива ба Феҳристи мероси умумиҷаҳонии ЮНЕСКО шомил шуда, соли 1997 2500-солагии он таҷлил шудааст. Соли 2020 шаҳр пойтахти фарҳанги дунёи туркӣ, соли 2024 – пойтахти сайёҳии олами ислом эълон шуда буд.

Ичан-қалъа, ки онро «музейи зери осмони кушод» меноманд, ягона шаҳрест, ки дар Осиёи Марказӣ ба сифати ёдгории яклухт боқӣ мондааст. Дар ин ҷо зиёда аз 120 иншооти мероси меъморӣ мавҷуданд.

Меҳмонони олимартаба сайругаштро аз дарвозаи «Ота дарвоза» оғоз намуда, бо маҷмааи нодири «Арки кӯҳна», мадрасаи Шерғозихон, масҷиди Ҷумъа, маҷмааи «Тошҳовли» ва дигар ёдгориҳо шинос шуданд.

Ба шарафи меҳмонон сурудҳои халқии ӯзбекӣ садо дода, саҳнаҳои театриконидашуда намоиш дода шуданд.

Сипас онҳо аз қасри Нуриллобой боздид ба амал оварданд.

Маҷмааи қаср ва боғ дар ибтидои асри XX сохта шудааст. Мадраса, зиёда аз 100 ҳуҷра ва нигористонро дар бар мегирад. Дар бунёди хонаҳои қаср на танҳо устодони пешқадами хивагӣ, балки рассомон-ороишкорони хориҷӣ низ ширкат доштанд, ки унсурҳои услуби модерни аврупоиро ба ороиш ворид кардаанд.

Ҳикояҳо дар бораи таърихи Хива ва саҳми он дар инкишофи илм, инчунин маданият ва санъати ғании ин минтақа ба меҳмонони қирғизистонӣ таассуроти калон бахшид.

Президент Шавкат Мирзиёев ва Президент Садир Ҷапаров ба комбинати қолинбофии «Хива гиламлари» ташриф оварданд.

Корхона соли 2020 таъсис ёфта, ҳамасола 4,2 миллион метри мурабба қолин ва маҳсулоти қолинбофӣ истеҳсол карда, ба Чин, Русия, ИМА, Қазоқистон ва дигар кишварҳои ИДМ содир менамояд.

Имрӯз дар корхонаи замонавӣ муҷаҳҳазшуда бо истифода аз технологияҳои кишварҳои пешрафтаи Аврупо 750 нафар кор мекунанд.

Президентҳо бо раванди истеҳсолот ва шоуруми корхона, инчунин намоишгоҳи маҳсулот таҳти бренди «Made in Uzbekistan», ки дар ҳудуди завод ташкил карда шудааст, шинос шуданд.

Ба вазорату идораҳои дахлдор супурда шуд, ки мубодилаи таҷриба намуда, кооператсия ва савдоро инкишоф диҳанд.

Дар анҷоми чорабиниҳои сафар Президент Шавкат Мирзиёев бо рафиқааш дар аэропорти байналмилалии шаҳри Урганҷ Садир Ҷапаров ва ҳамсарашро гусел карданд.

**ӮзА.**

*Сурати Хидмати матбуоти Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон.*

**Қарори Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон**

## ДАР БОРАИ ТАЙЁРӢ ДИДАН ВА БАРГУЗОР КАРДАНИ ҶАШНИ СИЮСЕСОЛАГИИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ӮЗБЕКИСТОН

Сию се сол муқаддам дар шароити мураккаби таърихӣ мо соҳиби истиқлолияти миллӣ шудем, ки алҳол тамоми халқи сермиллатамонро моро дар роҳи мақсади бузурги бунёди Ӯзбекистони Нав муттаҳид менамояд, барои забти комёбиву қуллаҳои нав рӯҳбаланд месозад.

Маҳз ба шарофати истиқлол кишвари мо мустақил шуд, давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, иҷтимоӣ ва дунявӣ, субъекти комилҳуқуқи байналхалқӣ гардид. Аҳли олам бори дигар моро шинохт ва эътироф кард. Дӯстӣ ва ҳамкорӣ бо давлатҳо ва халқҳои мухталиф вусъат меёбад, нуфузи Ватани мо дар арсаи байналхалқӣ меафзояд.

Дар ҷараёни ислоҳоти васеъмиқёси демократӣ, ки солҳои охир дар мамлакат татбиқ карда мешаванд, мо ба хусус амиқ дарк менамоем, ки соҳибистиқлол, давлати барои ҷаҳон рӯшод будану дар оилаи халқҳои озод мақоми сазовор доштан, ба сатҳи рушди замонавӣ муваффақ гардидан ин бахту саодат ва шарафи бузург, ҳамчунин масъулияти азим аст.

Тағйироти кунунӣ дар сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ, ки ба таъмин сохтани манфиатҳои миллӣ, муваффақ шудан ба натиҷаҳои амалӣ нигаронида шудаанд, дар ҷомеаи байналхалқӣ эътироф ва дастгирӣ карда мешаванд.

Комёбиҳои мо дар роҳи бунёди ҳаёти нав, ҷомеаи нав, ки дар он инсон, манфиатҳои ӯ, шаъну шарафи вай арзиши олӣ ба шумор мераванд, ҳама ҳосили меҳнати фидокорона, иқтидори зеҳниву созандагии халқи мард, тавоно ва ҳимматбаланди мост, ки ба ғояи рушди мустақил содиқ аст ва мо аз он ифтихор дорем, ки писарону духтарони ин халқ мебошем.

Ба мақсади мувофиқи суръати кунунии рушди мамлакат сазоворона истиқбол намудани санаи пуршараф – сиюсесолагии истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Ӯзбекистон ҳамчун ҷашни умумихалқӣ:

1. Таркиби Комиссияи ҷумҳуриявӣ бобати тайёрӣ ва баргузор кардани ҷашни сиюсесолагии истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Ӯзбекистон (минбаъд – Комиссияи ҷумҳуриявӣ) мувофиқи замима тасдиқ карда шавад.

2. Ба Комиссияи ҷумҳуриявӣ (А. Арипов) супурда шавад, ки:

дар муҳлати як ҳафта Барномаи ташкиливу амалӣ, чорабиниҳои маънавиву маърифатӣ, ки ғояи асосии «Танҳо бо ваҳдат – мо халқи ягона, танҳо якҷо – **мо кишвари муқтадир**!»-ро таҷассум менамояд, тасдиқ карда шавад. Барномаи мазкур мувофиқ бо Стратегияи «Ӯзбекистон – 2030», ҳамчунин Барномаи давлатии «Соли дастгирии ҷавонон ва тиҷорат» омода карда шавад;

ҷашнгирии сазовори сиюсеюмин солгарди истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Ӯзбекистон (минбаъд – Ҷашни истиқлол) дар Ҷумҳурии Қароқалпоқистон, марказҳои вилоятҳо ва шаҳри Тошканд, дар тамоми шаҳрҳо ва ноҳияҳо, деҳа ва овулҳои мамлакат таъмин карда шавад;

**аз ҷумлаи арбобони машҳури илм, фарҳанг ва санъат, варзишгарон, намояндагони ҷомеаҳо гурӯҳҳои сайёр ташкил карда шуда**, онҳо барои дар минтақаҳо дар байни табақаҳои васеи аҳолӣ босифат гузаронидани анҷуманҳои маънавиву маърифатӣ, вохӯрии «се насл», шабнишиниҳои адабиву бадеӣ, рӯзҳои киной миллӣ, сайру саёҳатҳо, чорабиниҳои маданӣ ва варзишӣ, ҷашнвораҳои хӯрок, бахшида ба Ҷашни истиқлол, ҳамчунин таъмин намудани фаъолияти онҳо дар пояи нақшаи мушаххас сафарбар карда шаванд;

дар ҷамъомадҳояшон ҳисоботи роҳбарони ҳар кадом минтақа, вазорат ва идораҳо бобати дар сатҳи олӣ ташкил намудани тамоми чорабиниҳои бахшида ба Ҷашни истиқлол мунтазам баррасӣ шаванд.

3. Ба омодасозии барномаҳои асосии чорабиниҳои ҷашнӣ дар Ҷумҳурии Қароқалпоқистон, вилоятҳо ва шаҳри Тошканд гурӯҳҳои эҷодӣ дар ҳайати устодони машҳури ҳунар ва коргардону таҳиягарони ботаҷриба, шоирону нависандагон, оҳангсозон ва балейтместерҳо, рассомони саҳна, намояндагони санъати мақом ва бахшигӣ, иҷрогарони соҳибистеъдоди ҷавон васеъ ҷалб карда шаванд.

4. Ба мақсади дар маҳалҳо дар сатҳи олӣ гузаронидани Ҷашни истиқлол ба масъалаҳои зерин эътибори махсус дода шавад:

дар маҳалҳо, муассисаҳои таълимӣ, ҷамоаҳои меҳнатӣ гузарондани вохӯрӣ ва суҳбатҳои маърифатӣ, ки дар онҳо мазмуну моҳияти корҳои таърихии дар мамлакат бобати бунёди давлат ва ҷамъияти иҷтимоиву воқеан халқӣ, ки таъмин сохтани ҳуқуқ ва манфиатҳо, шаъну шарафи инсон дар мадди аввал қарор доранд, ҳамчунин натиҷаҳои хуб, ки ба шарофати иқтидори азими созандагии халқи меҳнатдӯсту кушодадили мо ба даст меоянд, инъикос менамоянд;

дар мисолҳои мушаххаси ҳаётӣ васеъ равшан кардани барнома ва лоиҳаҳои васеъмиқёсе, ки солҳои охир татбиқ шуда, ба куллан беҳ сохтани муҳити сармоявӣ ва тиҷоратӣ дар мамлакат, ҳамаҷониба вусъат додани имкониятҳо барои соҳибкорӣ, гузаштан ба иқтисодиёти «сабз» ва рақамӣ нигаронида шудаанд;

минбаъд пурзӯр намудани корҳои иттилоотиву маънидодкунӣ дар бораи чораҳои ислоҳсозии низоми суду ҳуқуқ, ободонии шаҳру деҳот, баланд бардоштани нақш ва масъулияти идораи маҳалла ва натиҷаҳои бадастомада;

дар асоси таҳлили амиқ маънидод кардани он, ки ба шарофати таҳкими муҳити дӯстӣ ва ҳамдилӣ дар мамлакат, некҳамсоягӣ дар минтақа, сиёсати сулҳхоҳонаи хориҷӣ нуфузи Ӯзбекистон дар ҷомеаи ҷаҳон баланд мегардад, сафи дӯстон ва шарикони мо вусъат пайдо мекунад;

равшан кардани самаранокии низоми ба писарону духтарон омӯзондани касбҳои замонавӣ, таъмин сохтан бо шуғл, истироҳати пурмазмун ва дастгирии иҷтимоӣ – аз ҳисоби ғамхории ҳамаҷонибаи давлат нисбати насли ҷавон, ки ояндаи Ӯзбекистони Нав ба шумор меравад;

равшан кардани ҷараёни татбиқшавии барномаҳои иҷтимоӣ бинобар рушди соҳаҳои нигаҳдории тандурустӣ, илм, маданият ва санъат, варзиш, эътибори доимӣ ба эҳтиёҷоти собиқадорон ва занон, ҳифзи оила, модару кӯдак, таъмин сохтани баробарии гендерӣ;

васеъ маънидод кардани корҳои вобаста ба баланд бардоштани иқтидори ҳарбӣ ва ҷангии Неруҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Ӯзбекистон, ки кафили муътамади истиқлолияти давлат, амнияти ва якпорчагии ҳудуди он ба шумор меравад;

баргузор намудани чорабиниҳои хайрия ба муносибати Ҷашни истиқлол барои ҳурмату эҳтироми куҳансолон, аз ҷумла иштирокдорони Ҷанги дуюми ҷаҳон ва собиқадорони фронти меҳнат, зиёрат кардан ва расондани кумакҳои моддиву маънавӣ ба шаҳрвандоне, ки дар хонаҳои «Меҳрубонлик», «Саховат» ва «Мурувват» зиндагӣ доранд, ҳамчунин ба онҳое, ки ба дафтарҳои ҳифзи иҷтимоӣ дохил карда шуда, ба дастгирӣ ниёзманд мебошанд;

татбиқсозии чорабиниҳо бинобар абадӣ гардонидани хотираи қурбониёни табъиди сиёсӣ дар даврони сохтори томфармоӣ, ки фидокорона мубориза бурда, ҳаёти худро барои истиқлолияти Ватан ва озодии халқ бахшидаанд.

5. Ба Вазорати фарҳанг (О. Назарбеков) супурда шавад, ки:

якҷо бо Маркази маънавият ва маърифати ҷумҳурӣ, Иттиҳоди нависандагон дар **зарфи як ҳафта** барнома ва намоиши театрикунонидашудаи консертиро дар шаҳри Тошканд бахшида ба Ҷашни истиқлол кор карда бароянд, ҳамчунин бобати дар сатҳи баланди ғоявиву бадеӣ тайёр кардани он чораҳо андешад;

якҷо бо Фарҳангистони бадеӣ, Иттиҳоди нависандагон ва Иттиҳоди журналистон гузаронидани озмунҳои анъанавии **«Симои Ватан аз назари рассом», «Зиндагӣ барои Ватан!», «Аз ҳама бузург, аз ҳама азиз»**-ро таъмин намояд;

якҷо бо Иттиҳоди оҳангсозон ва бастакорон, Иттиҳоди нависандагон давраи ниҳоии озмуни барои **беҳтарин суруд ва асари мусиқиро**, ки истиқлолияти мамлакатро васф мекунанд, баргузор кунад;

номи ғолибон ва ҷоизадорони озмунҳои мазкурро эълон намояд ва мукофотонии онҳоро дар арафаи Ҷашни истиқлол дар вазъи тантанавӣ гузаронад.

6. Муқаррар карда шавад, ки харҷҳо барои гузаронидани чорабиниҳои ҷашнӣ:

дар Ҷумҳурии Қароқалпоқистон ва вилоятҳо – аз ҳисоби манбаъҳои иловагии буҷаҳои маҳаллӣ, ҳамчунин маблағҳои хайрияи ашхоси ҷисмонӣ ва ҳуқуқӣ;

дар шаҳри Тошканд – бо ҳиссаи баробар аз ҳисоби маблағи буҷаҳои ҷумҳуриявӣ ва маҳаллии шаҳри Тошканд мувофиқи сметаи харҷҳое, ки Комиссияи ҷумҳурӣ тасдиқ намудааст, сарпӯш карда мешаванд.

7. Тавсия дода шавад, ки Ширкати миллии телевизион ва радиои Ӯзбекистон, Оҷонсии миллиии иттилоотии Ӯзбекистон, Оҷонсии иттилоотии «Дунё» ва дигар расонаҳои ахбори оммавӣ кори вобаста ба тайёрӣ дидан ва баргузор кардани Ҷашни истиқлолро васеъ равшан намоянд.

8. Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи Сарвазири Ҷумҳурии Ӯзбекистон А.Н. Арипов ва роҳбари Департаменти рушди иҷтимоии Маъмурияти Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон О.Қ. Абдураҳмонов гузошта шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон**
**Ш. МИРЗИЁЕВ**

*шаҳри Тошканд, 18 июли соли 2024*

**Қарори Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон**

## ДАР БОРАИ ВАСЕЪ ТАҶЛИЛ НАМУДАНИ 200-УМИН СОЛГАРДИ ШОИР ВА МУТАФАККИРИ БУЗУРГИ ҚАРОҚАЛПОҚ АҶИНИЁЗ ҚӮСИБОЙ ӮҒЛИ

Шоир ва мутафаккири бузурги қароқалпоқ Аҷиниёз Қӯсибой ӯғли бо эҷодиёти нотакрор ва хеле пурмуҳтавои худ дар рушди фарҳанг ва адабиёт, тарбияи ҷавонон дар рӯҳи ватандӯстӣ ва ғояҳои нек, таҳкими дӯстии таърихӣ ва ваҳдати халқҳои ӯзбеку қароқалпоқ саҳми муносиб гузоштааст. Нуқтаи назари инсонпарварона ва фалсафии шоири соҳибистеъдод, ки дар шеъру достонҳои вай инъикос гардидаанд, дар қалби мардуми мо мақоми муҳим доранд.

Он чиз боиси эътибори махсус мебошад, ки ин арбоби шинохтаи адабӣ, ки дар мадрасаҳои машҳури Шерғозихон ва Қутлбимурод иноқи Хива таълим гирифтааст, ба сифати шоири воқеан халқӣ, олим ва мураббии номӣ, хаттоти тавоно, нафақат дар кишвари мо, балки дар тамоми минтақа шуҳратёр гардидааст. Осори зебои ӯ дар байни хонандагони туркман, казоқ, қирғиз, намояндагони халқҳои бародари дигар низ бо муҳаббат суруда мешаванд.

Ба нақшаи чорабиниҳои ҷашнии ЮНЕСКО ворид карда шудани таҷлили 200-умин солгарди зодрӯзи Аҷиниёз Қӯсибой ӯғли низ шаҳодат медиҳад, ки мероси эҷодии ӯ аҳамияти умумиинсонӣ дорад.

Ба мақсади минбаъд васеъ омӯхтан ва оммавӣ кардани мероси нодири адабии Аҷиниёз Қӯсибой ӯғли, сазоворона ҷашн гирифтани 200-умин солгарди мавлуди ӯ:

1. Пешниҳоди Вазорати фарҳанг, Вазорати таълими олӣ, илм ва инноватсияҳои Ҷумҳурии Ӯзбекистон, Ҷокарги Кенеси Ҷумҳурии Қароқалпоқистон, Иттифоқҳои нависандагони Ӯзбекистон ва Қароқалпоқистон, Комиссияи миллӣ оид ба корҳои ЮНЕСКО, Маркази маънавият ва маърифати ҷумҳурӣ, Фарҳангистони бадеӣ ва намояндагони ҷомеаҳо бобати **дар мамлакат васеъ таҷлил намудани 200-умин солгарди Аҷиниёз Қӯсибой ӯғли** маъқул дониста шавад.

2. Мувофиқи замима бобати ҷашнгирии 200-умин солгарди Аҷиниёз Қӯсибой ӯғли **Кумитаи ташкилӣ** (минбаъд – Кумитаи ташкилӣ) таъсис дода шавад.

3. Ба Кумитаи ташкилӣ (А. Арипов) супурда шавад, ки **дар муҳлати як ҳафта Барномаи чорабиниҳоро** бобати ҷашнгирии 200-умин солгарди Аҷиниёз Қӯсибой ӯғли тасдиқ кунад ва сариваќту босифат татбиқ сохтани он, ҳамчунин тарғибу ташвиқи васеи эҷодиёти ӯро таъмин намояд, ки инҳоро пешбинӣ мекунад:

Интишори маҷмӯи **«Осори мунтахаб»**-и шоир ба забонҳои ӯзбекӣ ва қароқалпоқӣ, бознашри асарҳои бадеӣ, илмию оммавии ба ҳаёту фаъолияти ӯ бахшидашуда, ҳамчунин баргузор намудани муаррифии онҳо;

дар асоси супориши давлатӣ офаридани **асарҳои саҳнавӣ ва филми бадеиву публитсистии «Аҷиниёз»**, бахшида ба ҳаёт ва фаъолияти Аҷиниёз Қӯсибой ӯғли, ҳамчунин гузарондани рӯнамоии онҳо;

дар шаҳри Нуқус баргузор кардани озмуни ҷавонони соҳибистеъдоди мамлакат дар мавзӯи **«Айт сен Ажиниёзнинг қушиқларидан»** («Сурудҳои Аҷиниёзро бисаро»), ҳамчунин озмуни иншо бахшида ба ҳаёт ва фаъолияти Аҷиниёз Қӯсибой ӯғли дар байни хонандагони мактабҳои эҷодӣ;

моҳи сентябри соли 2024 дар Толори марказии намоишгоҳҳои Фарҳангистони бадеӣ баргузор намудани **намоиши китобҳо, асарҳои санъати тасвирӣ ва халқиву амалӣ**, бахшида ба ҳаёт ва эҷодиёти Аҷиниёз Қӯсибой ӯғли;

моҳи октябри соли 2024 дар Донишгоҳи давлатии Қароқалпоқистон ва Донишгоҳи давлатии забон ва адабиёти ӯзбеки Тошканд ба номи Алишери Навоӣ баргузор кардани Конфронси байналхалқии илмиву амалӣ бинобар омӯхтани мероси адабии Аҷиниёз Қӯсибой ӯғли;

ташкил намудани осорхонаи шоир дар Донишкадаи давлатии омӯзгории Нукус ба номи Аҷиниёз;

ободонсозии марқади Аҷиниёз Қӯсибой ӯғли дар ноҳияи Мӯйноқ ва устувор кардани ёдгорӣ, бунёд намудани хиёбони экологии ба номи Аҷиниёз Қӯсибой ӯғли дар ноҳияи мазкур;

(Давомаш дар саҳ.2).

# ДАР БОРАИ ВАСЕЪ ТАҶЛИЛ НАМУДАНИ 200-УМИН СОЛГАРДИ ШОИР ВА МУТАФАККИРИ БУЗУРГИ ҚАРОҚАЛПОҚ АҶИНИЁЗ ҚЎСИБОЙ ЎҒЛИ

(Аввалаш дар саҳ.1).

дар муассисаҳои таълими олӣ ва миёнаи махсус, касбӣ, таълими умумии миёнаи мамлакат, ҷамоаҳои меҳнатӣ ва маҳаллаҳо баргузор намудани вохӯрӣ ва шабнишиниҳои адабӣ бахшида ба 200-умин солгарди Аҷиниёз Қўсибой ўғли бо иштироки нависандагон, шоирон ва олимони шинохта;

моҳи ноябри соли 2024 дар Театри калони давлативу академии Ўзбекистон ба номи Алишери Навоӣ ва дар Театри давлатии академии Қароқалпоқистон ба номи Бердах баргузор кардани шабнишиниҳои мутантани адабиву бадеии хотиравӣ бахшида ба 200-умин солгарди Аҷиниёз Қўсибой ўғли.

4. Ба Оҷонсии миллии иттилоотии Ўзбекистон, Ширкати миллии телевизион ва радиои Ўзбекистон, Оҷонсии иттилоотии «Дунё» ва дигар расонаҳои ахбори оммавӣ тавсия дода шавад, ки чорабиниҳои бахшида ба таҷлили 200-умин солгарди Аҷиниёз Қўсибой ўғлиро васеъ равшан намоянд.

5. Муқаррар карда шавад, маблағи чорабиниҳое, ки қарори мазкур пешбинӣ менамояд, аз ҳисоби маблағҳои буҷа, ки аз ҷониби вазоратҳо, идораҳо ва созмонҳои дахлдор, ҳамчунин аз маблағҳои ғайрибуҷавӣ ва манбаъҳои дигаре, ки қонунгузорӣ манъ накардааст, пардохта мешавад.

6. Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи Сарвазири Ҷумҳурии Ўзбекистон А. Н. Арипов гузошта шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Ш. МИРЗИЁЕВ**

*Шаҳри ТОШКАНД,*
*16 июли соли 2024.*



Ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Наммотор сервис»-и ноҳияи Намангон ба истеҳсоли муҳаррикҳои электрикӣ ва насосҳои обӣ ихтисос дорад.

Неруи солонаи корхона 10 ҳазор дона муҳаррики гуногуни электрӣ ва 2 ҳазор адад насосро ташкил медиҳад. Ҳоли ҳозир дар ин ҷо тақрибан 100 нафар аҳолии маҳаллӣ бо кор таъмин мебошанд.

Маҳсулоти ҷамъияти масъулияташ маҳдуд асосан ба давлатҳои Осиёи Марказӣ бароварда мешаванд ва ҳаҷми содироти солона ба 500 ҳазор доллари Амрико рост меояд.

**Дар сурат:** дар ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Наммотор сервис»-и ноҳияи Намангон.

**Суратгир: Ҳ. МАМАДАЛИЕВ (ЎзА).**

# ПАРТОВҲО БА ЭНЕРГИЯ ТАБДИЛ ДОДА МЕШАВАНД

## ё худ ҳамкорӣ бо Чин

***Ба гуфтаи коршиносон ба роҳ мондани низоми ба энергия табдил додани партовҳо на танҳо дар соҳаи идоракунии партовҳои дурушти маишӣ инқилоб ба вуҷуд меорад, балки барои коҳиш додани оқибатҳои тағйирёбии иқлим низ саҳми назаррас хоҳад гузошт.***

China Everbright Environment Group Limited бузургтарин интиқолдиҳандаи таҷҳизот оид ба сўзондани партовҳои сахти маишӣ ва истеҳсолкунандаи пешбари системаҳои ҳамгирошудаи идоракунии партовҳои дурушт дар Чин мебошад. Ширкати дорои таҷрибаи ғанӣ ва технологияҳои пешрафта ба корхонаҳои замонавиеро, ки аз партовҳои дурушти маишӣ энергия истеҳсол менамоянд ва обҳои партовро аз нав коркард мекунанд, сармоя ворид месозад, бунёд менамояд ва аз онҳо истифода мебарад.

Дар Вазорати экология, ҳифзи муҳити зист ва тағйирёбии иқлим бо намояндагони ширкати пешрафтаи фаромиллии Ҷумҳурии Мардумии Чин, China Everbright Environment Group Limited мулоқот баргузор гардид.

Дар он намояндагони вазорат, Маркази ҷумҳуриявии ташкили корҳои санитарӣ ва Сарраёсати идоракунии партовгоҳҳо ширкат доштанд.

Зимни вохўрӣ ба ҷониби Чин дар бораи корҳо оид ба ислоҳоти низоми коркарди партовҳо дар ҷумҳурӣ, инчунин як қатор мушкилоте, ки дар ин самт бояд ҳал карда шаванд, маълумот дода шуд. Аз ҷумла, дар бораи таркиби морфологӣ, ҳаҷм ва суръати сўзонидани партовҳо, инчунин дар бораи шароити мусоид ва имтиёзҳои кафолатнок барои сармоягузорон дар соҳа маълумоти умумӣ дода шуд.

Дар навбати худ, шарикон ба ислоҳот дар Ўзбекистон баҳои баланд дода, қайд карданд, ки ширкат омода аст дар ҳалли мушкилот саҳм гузорад.

Дар рафти вохўрӣ намояндагони ҳайати Чин аз таҷрибаи Ветнам дар соҳаи коркарди партовҳо мубодилаи афкор намуда, ба масъалаҳои ба даст овардани энергия тавассути сўзонидани партовҳо дахл карданд.

Дар асоси таҷрибаи Ветнам барои дар мамлакати мо сохтан ва ба кор андохтани сехи партовсўзонӣ мўҳлати 30-солаи инвеститсионӣ пешниҳод шуд.

Дар анҷоми вохўрӣ меҳмононро бо фаъолияти Маркази ҷумҳуриявии ташкили корҳои санитарӣ ва Раёсати марказии диспетчерӣ ва мониторинги онлайн шинос карданд.

Ҳамзамон, дар назар аст, ки намояндагони ҳайати Чин бо фаъолияти партовгоҳҳо ва иншооти коркарди партовгоҳҳо дар вилоятҳои Бухоро, Андиҷон, Фарғона ва Намангон шинос шаванд.

**Муҳайё ТОШҚОРАЕВА, мухбири ЎзА.**

***Мувофиқи баёноти Девони Вазирон аз 1июл то 1августи соли ҷорӣ дар ҳудуди ҷумҳурӣ гузаронидани чорабинии “30 рўзи долузарби бехатарӣ аз сўхтор” эълон гардидааст.***

# 30 РЎЗИ ДОЛУЗАРБ

Дар доираи он пурзўр намудани чорабиниҳо оиди ҳолати тайёрӣ ба мавсими тирамоҳӣ-зимистонӣ дар мавзеъҳои шаҳри Тошканд ба нақша дароварда шудааст.

Аз ин боис, имрўзҳо дар ҳудудҳо ходимон ва мутасаддиёни соҳа ба мақсади таъмини иҷрои чорабиниҳои зикршуда баҳри пешгирии вазъиятҳои фавқулода як қатор корҳоро ба амал татбиқ менамоянд. Аз ҷумла, ходимони шуъбаи вазъиятҳои фавқулодаи ноҳияи Янгиҳаёти пойтахт ба маҳаллаҳои Чортоқ, Гулзор, Хўҷа Учқун, Ташаббус, Хушнуд, Ёрқин ҳаёт, Бинокор, Орият, Гулшанобод, Марҳамат, Ҳумо ва Янги Дархон рафта, байни аҳолӣ оиди заҳролудшавӣ, эҳтиёткорӣ ҳангоми истифода аз асбобҳои гармидиҳӣ, риоя намудан ба қоидаҳои бехатарӣ аз сўхтор суҳбатҳо ташкил намуданд. Бо бошандагони хонаҳои бисёрқабатаи ин мавзеъҳо вохўриҳо гузаронда, ҳолати тайёрӣ ба мавсими тирамоҳӣ-зимистонии 465 хонадонро санҷиданд.

**Бегзод ПИРМАТОВ, инспектори шуъбаи назорат ва профилактикаи вазъиятҳои фавқулодаи ноҳияи Янгиҳаёти пойтахт.**

# МУБОРИЗА БАР ЗИДДИ КОРРУПСИЯ – ОМИЛИ МУҲИМИ НАВСОЗИИ ҶОМЕА

***Бо ташаббуси филиали Хазинаи нафақаи ғайрибуҷавии шаҳри Қўқанд дар мавзўи «Мубориза ба муқобили коррупсия – омили муҳими навсозии ҷомеа» чорабинӣ баргузор гардид.***

Бино ба иттилои дафтари матбуоти ҳокимияти шаҳр дар он сардори Садорати вилоятии Хазинаи нафақаи ғайрибуҷавӣ Зоҳирбек Акрамов, ходимони идораи корҳои дохилӣ ва уламои дини шаҳр ширкат варзиданд.

Зоҳирбек Акрамов оид ба корҳои мубориза бар зидди коррупсия дар филиали Хазинаи нафақаи ғайрибуҷавии вилоят, хатову камбудиҳои содиршуда ва иҷрои вазифаҳое маълумоти муфассал дод, ки то ин давраи соли равон иҷро гардидаву ба қайд гирифта шудаанд.

– Коррупсия иллатест, ки ҷомеаи моро ба қафо мекашад ва дар тамоми кишварҳои олам алайҳи он шадидан мубориза мебаранд. Ин иллат дар зеҳни мардуми мо низ ҳисси нобоварӣ нисбат ба роҳбарону ходимони идораҳои гуногунро бедор менамояд. Аз ин лиҳоз, бар зидди ин иллати ногувор бояд дастаҷамъона мубориза барем, – гуфт З. Акрамов.

Дар рафти ин чорабинӣ ходимони масъули идораи корҳои дохилӣ, имом-хатибҳо ва дигарон низ перомуни сабабу шароитҳои пайдоиши коррупсия, ташаккули муносибати таҳаммулнопазирӣ нисбат ба он ва таъмини ногузирии ҷазо барои содири чунин ҷиноятҳо назару андешаҳои худро баён намуданд.

**Мирасрор АҲРОРОВ, мухбири «Овози тоҷик».**
*Вилояти ФАРҒОНА.*

## ХАБАРҲО

### ТАШКИЛИ ИНФОДУКОНҲО ДАР МАҲАЛЛАҲОИ СЕРАҲОЛӢ

***Аз ҷониби Вазорати адлияи ҷумҳурӣ ва садорати адлияи вилояти Тошканд дар маҳаллаи Эшонободи ноҳияи Чиноз барои журналистон пресс-тур ташкил карда шуд.***

Мақсад – ба амал татбиқнамоии нуктаҳои фармони роҳбари давлат «Дар бораи боз ҳам баланд бардоштани масъулияти мақомот ва муассисаҳои адлия ва ташаккул додани сохтори идоракунии муҷаз дар доираи ислоҳоти давлатӣ» аз 24 майи соли равон. Дар ҳуҷҷати мазкур муҳим будани гузоштани инфодуконҳо дар ҷойҳои сераҳолӣ, ки хидматҳои давлатӣ мерасонанд, қайд шудааст.

Рўзноманигорон дар маҳаллаи Эшонобод ба инфодуконе шинос шудаанд, ки имконият дорад, дар 28 навъ хидматрасонии давлатиро ба роҳ гузорад. Акнун шаҳрвандон метавонанд ба маркази хидматрасонии давлатӣ рафта нанишаста, дар худи инфодукон, ки дар маҳалла ҷойгир аст, мушкили худро осон намоянд.

Дар маҳаллаи мазкур бештар аз чаҳор ҳазор нафар аҳолӣ зиндагӣ менамояд. Мувофиқи фармони Президент барои омўхтан ва ҳал намудани мушкилоти аҳолӣ ҳар моҳ дар маҳаллаҳо чорабинии «Рўзи адлия» баргузор мегардад.

Навъе сармушовири шуъбаи адлияи ноҳияи Чиноз Мақсуд Эрназаров таъкид менамояд, дар доираи «Рўзи тарғиботи ҳуқуқӣ» аз ҷониби садорати адлияи вилоят дар 286 маҳалла чорабинӣ баргузор ва 976-то кумаки ройгони ҳуқуқӣ расонда шудааст.

### МАСЪАЛАҲОИ ПИЛЛАПАРВАРӢ – МАВРИДИ МУҲОКИМА

***Афзун гардондани ҳаҷми экспорт дар пиллапарварӣ бештар долузарб мегардад. Аз ҷониби иттиҳодияи «Ўзбекипаксаноат» ба тарзи видеоконфронсробита ҷамъомад баргузор гардид.***

Дар он роҳбарони ҶММ «Агропилла», мутасаддиёни кластерҳои пиллапарварӣ ва корхонаҳои тухмипарварӣ иштирок намуданд. Гуфта шуд афзун сохтани ҳаҷми содироти пилла тақозои давр аст. Айни замон дар ҷамъомад омодагӣ ба мавсими такрорӣ ва масъалаҳои тақсимоти тухми кирмаки пилла мавриди муҳокима қарор гирифт. Дар хусуси нақшаҳои оянда низ мулоҳизаҳо баён карда шуданд.

### ҶАМЪОМАД ДАР СУДИ КОНСТИТУТСИОНӢ

***Ҷамъомади навбатии Суди конститутсионӣ рўйи кор омад. Чорабиниро раиси Суди конститутсионӣ Мирзоулуғбек Абдусаломов пеш бурд.***

Масъала дар хусуси шарҳи расмӣ ба қисми аввали моддаи 86-уми Қонуни конститутсионӣ «Дар бораи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Ўзбекистон» дар асоси муроҷиати Маркази миллии Ҷумҳурии Ўзбекистон оиди ҳуқуқи инсон аз 24 июни соли 2024 дида баромада шуд. Аз рўйи масъалае, ки муҳокима гашт, аъзои шўрои илмӣ-маслиҳатии назди Суди конститутсионии Ўзбекистон фикру мулоҳизоти хешро баён карданд.

**М. ШОДИЕВ, мухбири «Овози тоҷик».**



*Соҳибкор аз Нукус Икром Йўлдошев барои инкишоф додани соҳаи сайёҳӣ ва ба мақсади фароҳам овардани шароити мусоид барои сайёҳон дар маркази шаҳр 50 сотих заминро ба иҷора гирифта, меҳмонхонаи замонавӣ бунёд менамояд.*

*Иншооти бинокорӣ ба ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Қароқалпоқ палас ҳотел» тааллуқ дошта, арзиши лоиҳа 34 миллиард сўмро ташкил медиҳад.*

*Алҳол корҳои сохтмони меҳмонхона идома доранд. Ошёнаи дуюми он бунёд меёбад. Дар ин кор 60 нафар бинокорон ҷалб карда шудаанд. Баробари ба кор сар кардани меҳмонхонаи нав, ки ба талабҳои байналхалқӣ ҷавобгў мебошад, 150 нафар соҳиби ҷойҳои кори доимӣ мегарданд.*

***Дар сурат:*** *лавҳае аз сохтмон.*

***Суратгир: М. ҲАБИБУЛЛОЕВ (ЎзА).***

# САФАРИ КОРӢ САМАРА МЕДИҲАД

***Чанде пеш дар бораи сафари соҳибкорони вилояти Навоӣ ба Чин хабар дода будем. Сафари кории соҳибкорон аллакай самараи худро дода истодааст. Сармоягузорони чинӣ дар ноҳияи Навбаҳор ба бунёди чандин корхона оғоз намуданд.***

Ҳокими вилояти Навоӣ бо мақсади шинос шудан ба ҷараёни корҳои бунёдкорӣ ба ноҳияи Навбаҳор омад. Нахуст аз корхонаи ҶММ «Pure nature oils», ки дар маҳаллаи «Қаровултепа» бунёд мекунанд, дидан кард. Бо ҷараёни кор дар корхона аз наздик шинос шуд ва маслиҳатҳои худро дод.

Дар корхона истеҳсоли равғани растанӣ ба роҳ монда мешавад. Ба бунёди корхона 75 миллиард сўм маблағ сарф гардида, соле 9 ҳазор тонна равғани растанӣ истеҳсол мешавад. Наздики 100 нафар бо шуғли доимӣ таъмин мегарданд.

Дар корхонаи ҶММ «VB Granite group» аз навкоркарди сангҳои гранит ба роҳ монда мешавад. Таҷҳизоти техникии корхонаро аз Чин оварда истодаанд, ки тибқи лоиҳа корхона дар як моҳ ба истеҳсоли маҳсулот шурўъ мекунад.

Чиниҳо аллакай ба татбиқи лоиҳаи калонҳаҷм оғоз намудаанд. Яке аз онҳо бунёди корхонаи ҶММ «Jinfeng salar international commerce» мебошад. Дар корхона масолеҳи бинокорӣ, инчунин дар як шабонарўз 250 ҳазор дона хишт истеҳсол мешавад. Дар ин ҷо низ наздики 100 нафар бо шуғли доимӣ таъмин мегардад.

**Ўзбакбойи РАҲМОН, хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти НАВОӢ.*

**30 июл – Рўзи дўстии халқҳо**

# САҲИФАҲО НИЗ ДЎСТИРО ТАРАННУМ МЕКУНАНД

***Ўзбеку тоҷик халқҳоянд, ки аз ҷиҳати мазҳаб, тарзи зисту зиндагонӣ ва урфу одат бо ҳам наздик буда, муносибати хуби сиёсӣ, иқтисодӣ ва адабию маданӣ низ доранд. Дўстии байни Ҷомиву Навоӣ ба рафоқати азалии ин халқҳо мисоли равшан аст.***

Дар вилояти Намангон зиёда аз 300 ҳазор тоҷикон зиндагӣ мекунанд.

Дар ноҳияҳои Чуст, Поп ва Косонсой, ки асосан тоҷикон ба сар мебаранд, барои бо забони модариашон таълим гирифтани онҳо мактабҳои тоҷикӣ низ фаъоланд. Хурсандиовар аст, ки рўзномаҳои «Чуст ҳақиқати», «Поп тонги» ва «Косонсойнома» саҳифаҳои тоҷикӣ ҳам доранд.

Дар бораи рўзнома ва нақши он дар ҷамъият фикру андешаҳои зиёд гуфта шудаанд. Баъзе онро чун обу ҳаво зарур ҳисобанд, дигарон баръакс дар замони тараққии илму техника нодаркор мешуморанд. Вале бояд гуфт, ки иқтидор ва таъсири сухани бадеӣ, ки рўзномаву маҷаллаҳо доранд, дар воситаҳои техникии ахбори умум нест.

Ҳар як маводи чопӣ, хоҳ хабари хурд бошад, хоҳ очерку эссе ва мақолаҳои калонҳаҷм, натанҳо воқеоту ҳодисотро ихчаму муфассал бо тарзи бадеӣ ифода менамоянд, балки боз солҳои дароз дар китобхонаҳову музейҳои таърихӣ мемонанд. Таъсири чопии ахбори умум дар шакли оммафаҳм, ба муштариён расонидани навигариҳои гуногун дар ҷамъият ҳоло ҳам мавқеи пойдору устувор доранд. Ба душворию мураккабиҳои ташкили кори расонаҳои ахбори чопӣ нигоҳ накарда, онҳо мавҷудияти худро нигоҳ доштаанду ҳоло чун минбари дастраси омма фаъолияти худро идома медиҳанд.

Хусусан, рўзномаи дўстдоштаи косонсойиён – нашри ҳокимияти ноҳия «Косонсойнома» низ, инак соли 92-юмин аст, ки чун ифодагари навигариҳои ҳаёти иҷтимоиву сиёсӣ ва иқтисодии ноҳия, чун тарғибгари ғояву мақсадҳои истиқлол ва тарбияи насли наврас дар рўҳи садоқат ба Ватани мустақил, ба мардум хизмат карда меояд. Бо талабу таклифи тоҷикзабонон аз 17 ноябри соли 1988 ин ҷониб як саҳифаи рўзнома бо забони тоҷикӣ чоп шуда, ба муштариён пешкаш мешавад. Кормандони фаъоли ҷамоатии рўзнома Муҳаммадҷон Акрамов, Асрорхон Аълохонов, Инъомҷон Пўлодов, Абдулло Зарипов ва бисёр дигарон дар рушду равнақи матбуоти чопии ноҳия, хусусан, саҳифаи тоҷикӣ саҳми арзанда гузоштаанду ҳоло фаъолияти кории худро имрўз низ идома медиҳанд.

– Ҳаёт бо шиддат давом дорад, илму техника низ бо чунин суръат пеш меравад, – мегўяд узви Иттиҳоди журналистони Ўзбекистон, асосгузор ва масъули саҳифаи тоҷикӣ Абдулвоҳид Нуриддинов. – Ҳарчанд журналистикаи интернет ҳоло мақоми воло дорад, рўзнома бо факту рақамҳои асосноку боварибахш дорои мавқеи муҳим аст. Барои ҳамин ҳам дар ҷамъият мавҷудияти рўзнома хеле зарур аст.

Алҳол номи фахриёну рафтагон ва дар қайди ҳаёт будаи матбуот, ба монанди Бозорвой Каримов, Саидаҳмадхон Насимхонов, Пўлодҷон Қаҳҳоров, Каримҷон Охунов, Муҳаммадалӣ Эргашев, Иброҳим Усмонов, Ёқубҷон Дадаҷонов, Муҳаммадхон Акрамов, Муҳиддин Имомадиев, Ҳамида Эргашева, Анорбой Олимов, Мирмўҳсин Мирзокиров ва Абдулвоҳид Нуриддинов барин журналистони собиқадору ҷавони рўзномаи «Косонсойнома»-ро бо ҳурмату эҳтиром ба забон мегиранд.

**Шоҳида ДАМИНОВА, мухбири «Овози тоҷик» дар вилояти Намангон.**

*Қабули сайёр*

# ЯКЧАНД МАСЪАЛА ҲАЛ ШУД

Мулоқоти рў ба рў бо аҳолӣ имкон медиҳад, ки роҳбарон аз орзую умед ва мушкилоти мардум огоҳ гардида, баҳри ҳал намудани масъалаҳои онҳо ҳарчӣ бештар кумак расонанд.

Ин дафъа қабули сайёри ҳокими ноҳияи Чуст Бахтиёр Салимҷонов дар маҳаллаи Шоён сурат гирифт. Роҳбари ноҳия бо мақсади фароҳам овардани имкониятҳои қулай бо ҳар яки муроҷиаткунандагон суҳбат кард.

Даҳҳо шаҳрвандон оиди ҳалли масъалаҳои таъминоти энергияи электрикӣ, таъмири роҳҳои дохилӣ, бартарафкунии бекорӣ, кумаки моддӣ, соҳибкорӣ ва соҳиби хонаю ҷой шудан ёрдам пурсиданд. Дар ҷараёни қабул муроҷиати 29 нафар шаҳрванд дар ҷояш ҳал карда шуд. Баъзе муроҷиатҳое, ки ҳаллаш вақт талаб мекунад, ба назорат гирифта, маслиҳатҳои ҳуқуқӣ дода шуд.

**Ш. ДАМИНОВА.**
*Вилояти НАМАНГОН.*

Ба пешвози 100-солагии «Овози тоҷик»

# РЎЗНОМА РОҲНАМОИ МОСТ

Инсон ҳамеша ба пешрафти маънавии худ ниёз дорад. Рўзномаҳо, маҷаллаҳо, китобҳои бадеӣ метавонанд дар ин бобат хидматгори беминнат бошанд. Инҷо бояд гуфт, ки мутолиа низ аз шахс салоҳият, завқу шавқ талаб менамояд. Агар ба мо барои нерўи ҷисмонӣ гирифтан ғизо зарур бошад, барои ғанӣ намудани камолоти маънавиамон мутолиа зарур аст. Аз ин лиҳоз рўзнома раҳнамои мост. Имрўз беҳтарин воситае, ки метавонад дастраси ҳамагон бошад, чун хазинаи маънавӣ хидмат кунад, ин рўзнома аст.

«Овози тоҷик» ягона рўзномаи тоҷикист, ки сар то сари ҷумҳурӣ паҳн мегардад, яъне минбари озоди мо – тоҷикон аст. Пас мо ба ин рўзнома на фақат ниёз дорем, балки бо он бояд ифтихор намоем. Барои дар як чаҳорчубаи муайян шакл гирифтани ҷаҳонбинии мо «Овози тоҷик» мавқеву нақши алоҳида дорад. Пеш аз ҳама, тавассути ин рўзнома омўзиши забони адабӣ имконпазир мегардад. Шумо маълумот, ё ки саҳифаи дилхоҳи худро мехонед. Табиист, ки бо тарзи ҷумлабандӣ, вожаҳои нофаҳмо дучор меоед. Аз рўйи мазмуни ҷумла мазмуни онро дарк хоҳед кард ва ин боиси ғанӣ гардидани таркиби луғавии шумо мешавад. Дигар ин ки тарзи сухангўиро ёд мегиред, зеро ҳама мехоҳад дар лаҳзаҳои зарурӣ сухани зебо ва пумаънӣ гўяд. Баъзан аксар метарсанд, ки дар ягон маврид сухани хато гўянд ва боиси тамасхури омма шаванд.

Дар ин бобат рўзнома метавонад ёрирасон, ба таъбири устод Турсунзода «мушкилосонкун»-и мо бошад.

Шумо барои забономўзӣ аз он маводи дилхоҳи худро метавонед пайдо кунед. Саҳифаи «Адабиёт ва санъат» писанди ҳамагон аст. Аз ин саҳифа бо шеъру ҳикояҳои адибону шоирони худиву бурунмарзӣ ошно мегардед. Ин ҳам боиси мукаммал гаштани дониши шумо мешавад.

Алалхусус, мақолаҳое, ки ба пешвози 100-солагии «Овози тоҷик» бо рукнҳои «Ёди ёдҳо» ва «Ёдбуд» дарҷ гардиданд, шахсро ба хештаншиносиву маърифатпарварӣ даъват намуда, дар пешрафти маънавияти волоямон нақши муҳим мебозанд.

Аксар омўзгорон гўшаи «Суханони ҳикматомези бузургон»-ро меписанданд ва дар рафти дарсҳо аз он истифода мебаранд. Алалхусус, дар соатҳои тарбиявӣ. Ба ғайр аз ин рўзнома қарору фармонҳои рўзмарраи ҳукуматро ба забони тоҷикӣ сари вақт тақдими мо месозад. Муаррифии чеҳраҳои нави адабӣ, шиносоӣ бо ашъори онҳо, порчаҳо аз қиссаву ҳикояҳои бадеии адибон низ ба мақсад мувофиқ аст. Зеро дар хонанда хислатҳои пайравӣ ба қаҳрамони мусбӣ ва нафрат аз қаҳрамони манфиро шакл медиҳад ва ин боиси худтарбиякунӣ мегардад. Яъне рўзнома дар рушду камоли маънавиёту ҷаҳонбинии мо дастёри беминнат аст. Агар мо хоҳем ҳамқадами замон бошем, бояд рўзнома хонем. Зеро ҳоло дар замоне ҳаёт ба сар мебарем, ки рушди ҳамаи соҳаҳо бошиддат аст ва маҳви забонҳо ҳам аз эҳтимол дур нест. Пас мо бояд забонамонро ҳифз намоем ва онро ҳамаҷониба дастгирӣ кунем, омўзем. Ин вазифаи ҳар як соҳибзабон аст. Дар ин ҷода рўзномаи «Овози тоҷик» ёрирасони мост. Ҳаминро бояд ёдрас намуд, ки баъзеҳо аз забони рўзнома шикоят мекунанд, ки гўё мураккаб аст. Қудрати сухане ба сухан зам кардан надорему аз худ алломатарошӣ мекунем.

Ҳофиз мегўяд:

*Чу бишнавӣ сухани аҳли*
*дил магў, ки хатост,*
*Суханшинос наӣ,ҷони*
*ман, хато ин ҷост!*

Хулоса, рўзномаи «Овози тоҷик» аз он рўзе, ки арзи вуҷуд кард, то имрўз вазифаи худро бошарафона иҷро менамояд. Ин рўзнома худ таърих аст, фарҳанг аст, ки берун аз марзи мо ҳам мақом дорад. Зеро инак тўли як аср ба дилу хонадони соҳибзабонаш бо саҳифаҳои рангинаш нури зиё мебахшад. Дар ин муддат рўзнома мавқеву нақши худро мустаҳкам карда тавонист. Аз дигар рўзномаҳо «як сару гардан» боло буду поён не. Яъне рўзнома барои камолоти маънавии мо, луғатомўзии мо, васеъ гаштани ҷаҳонбинии мо, тарбияи маънавию худшиносии мо нақши муҳим дошт ва дорад.

Тамоми коркунони рўзнома ва мухлисони онро ба муносибати 100-солагии арзи ҳастии нашрия самимона муборакбод менамоям. Бошад, ки Худованд шуморо тандурусту сарбаланд нигоҳ дораду мададгор бошад. Ҳеҷ гоҳ дар кори эҷод хаста набошед, парчамбардорони миллату забони ноби мо!

**Сулаймон СОДИҚ,**
**омўзгори тоифаи олии мактаби №-9,**
**ноҳияи Бўкаи вилояти Тошканд,**
**Аълочии таълими халқи Ўзбекистон ва Тоҷикистон.**




Ман рўзномаи «Овози тоҷик»-ро хеле дўст медорам. Зеро ин рўзнома боис гардид, ки хонадони мо бо решаҳои куҳани худ пайванд гардад. Ҳамааш аз як мақола оғоз ёфт. Собиқ хабарнигори рўзнома дар вилояти Сурхондарё Нуралӣ Раҷаб таҳти унвони «Маланд ва маландиён» («Овози тоҷик», №91, 13. 10. 2010) мақолае навишт ва банда низ акси садое иншо намуда, ба унвони нашрия ирсол доштам. Рўзнома онро бо номи «Ман маландигиям» 26 феврали соли 2011 дар шумораи 17-уми худ нашр кард.

Пас аз интишори он оилаи Абдулҳаевҳо, ки дар маҳаллаи Маландиёни ноҳияи Узуни вилояти Сурхондарё зиндагонӣ доранд, ҷамъ омада, ҷузъиёти онро байни худ муҳокима мекунанд. Як тан аз мўйсафедони деҳаи Маланд бо исми Раҳимқул Баҳромов пас аз мутолиаи мақола мегўяд, ки духтари ҷадди бузурги мо Қўзибой ба яке аз сокинони деҳаи кўҳистони дурдасте, ки дар самти ғарбии рустои Маланд ҷой гирифтааст, ба шавҳар расида буд ва то кунун бедарак аст, таассуф, ки риштаҳои пайвандӣ бо ў гусастаанд. Азбаски он деҳкада дур будааст, оҳиста-оҳиста рафтуомад қатъ ёфта, бо мурури замон он муштипар аз ёди таборон фаромўш гаштааст. Хабаре нест, ки он духтари аз решаҳояш дурафтода ҳоло чанд фарзанд дорад, зинда аст, ё не ва дар кадом шароит умр ба сар мебарад? Пирамард таъкид мекунад, дилам дақиқ гувоҳӣ медиҳад, ки ҳамон зани худро бо ифтихор ба лақаби Маландӣ ёдкарда ҷигари мост. Вай аз таборон хоҳиш менамояд, ки ўро ба он макон баранд, ё аҳли он хонадонро ба Маланд даъват кунанд то бо далелу бурҳон решапайвандии ҳамдигарро собит созем. Ҳамин тариқ рафтуомад байни мо барқарор ва меҳру муҳаббат пойдор хоҳад шуд.

Аз нашри мақолаи «Ман маландигиям» тахмин ду ҳафта гузашта буд, ки аз омўзгори собиқадори фанҳои забону адабиёти тоҷик, сокини маҳаллаи Маландиёни ноҳияи Узун Аскаралӣ Абдулҳаев номае дастрас намудам. Дар он аз ҷумла дарҷ ёфта буд:

«Мо мақолаи шуморо хонда хеле хурсанд шудем ва байни худ муҳокима кардем. Падари куҳансолам шуморо аз сулолаи худашон меҳисобанд. Он кас хоҳиш намуданд, ки бо мўйсафедони маландии сокини Боғучорбоғ мусоҳиб гарданд. Агар мумкин бошад, мо ба хонаи шумо равем ва ин решапайвандиро дақиқ намоем».

Акои Аскаралӣ дар охири мактуб рақами телефони худро навишта буд. Азбаски мактуб аз номи шахси бегона омада буд, дар ибтидо маро ҳайрон кард ва чун бо мўҳтавояш шинос шудам, хеле хурсанд гаштам. Ҳаяҷони фавқулодае вуҷуди маро фаро гирифт. Зуд ба акои Аскаралӣ занг задам. Суҳбат самимӣ ва хеле нишотангез буд. Баъд аз худоҳофизӣ дубора телефони ман садо дод.

– Бубахшед, ташвиш додам, падари мўйсафедам бо шумо суҳбат карданианд. Акои Аскаралӣ буданд, ки ин паёмро ба ман расонданд.

Бад-ин тарз суҳбати телефонии мо бо Раҳимқул-бобо оғоз шуда, хеле тўл ҳам кашид. Он кас таъкид карданд, ки ҳатман меҳмони хонадони мо мешаванд. Аммо аз суҳбат моҳу сол гузашту аз меҳмон дараке набуд. Ҳар бор баҳонаву сабабе пеш оварда, ин дидорро мавқуф мегузошт. Мо бошем, ташнаи дидор будем ва мунтазири барқарории риштаҳои гусаста рўз мешумоsupport. Боз чандин бор тавассуси телефон мулоқот кардем, аммо ҳамоно дидор муяссар намешуд.

Дар яке аз чунин суҳбатҳо бобои Раҳмонқул аз вазъи бади сиҳҳати худ шикоят кард ва гуфт, ки сахт нотоб аст. Оташе дар ҷони ман афтод. Аз дил гузаронидам: «Наход умеду орзуи мо ҷомаи амал напўшанд».

Мақоли аҳли Боғучорбоғ «Аввал бада гўй, баъд нека», ба ёдам расид. Таваккал ба Худо гуфтаму фардои он рўз, 6-уми майи соли 2013 бо додарам Намоз роҳи Деҳнавро пеш гирифтем. Аз ин ноҳия гузашта ба шаҳраки Шарғуни ноҳияи Сариосиё расидем ва дар хонадони яке аз шиносҳои дерини худ Равшан Боев меҳмон шудем. Субҳи рўзи дигар секаса сўйи маҳаллаи Маландиёни ноҳияи Узун равона шудем. Қаблан ман ба акои Аскаралӣ занг задам. Он кас барои дидору мулоқот бо ҳамкурсон ба шаҳри Самарқанд рафта будаанд, аммо чун ба Маландиён расидем, моро хеле гарм истиқбол гирифтанд. Маълум гардид, ки акои Аскаралӣ хешовандонро огоҳ кардаанд.

– Меҳмонҳо марҳамат, ман Олимҷон, додари муаллим Аскар Абдулҳаев.

– Э, раҳмат шумоба, бародар, – гуфт Равшанакаи шарғунӣ. – Мана хонаатона ёфта омадем.

Деҳаи Маланд хеле зебо буд, саросар сабзу хуррам ва ҳавои сабуку фораме дошт. Мардуми деҳа ҳама чеҳраҳои хандон доштанд ва ширингап буданд. Ба ҳамдигар эҳтиром ва муҳаббати хосе доранд. Ман мафтуни одоби ҷавонони ин макон гаштам. «Ассалому алейкум» дебочаи гуфторашон буд.

Баъд аз ҳолпурсиҳо бо Олимҷон сўйи хонаи Раҳимқулбобо равона шудем. Олимҷон ба мо вазнин будани саломатии бобоpo гўшзад кард, аммо ман мехостам ҳатман бобоpo бубинам, зеро мақсад аз сафар ҳамин буд. Мо назди бобо даромадем. Олимҷон ба бобо оҳиста муроҷиат кард:

– Додоҷон, барои дидани шумо меҳмонҳо аз Деҳқонобод омаданд.

– Аз Деҳқонобод! Маландиҳо-мӣ? – гуфт бобо бо ҳаяҷон.

– Ҳа, додоҷон, ҳамон хешу таборҳо. Эшонқул мана ин кас, – гўён маро нишон дод.

Бобое, ки вазнин хоб буду бо ёрии ду кас аз ҷой мехест, аз шунидани ин сухан бе кумак баланд шуд ва бо ман ҳамоғўш гашт. Чунон хурсандӣ мекард, ки ин ҳолатро гуфтан ва тасвир кардан хеле душвор аст. Назди бобо хеле нишастем ва суҳбат кардем. Бобо моро ба меҳмонхона даъват намуд ва гуфт, ки пиронсолони деҳа меоянд ва ҳатман бо онҳо суҳбатро идома медиҳем. Суҳбати мо дар ҳалқаи бобои Ҷумъақул ва фарзандони бобои Раҳмонқул Ашўралӣ, Муродалӣ ва Олимҷон хеле хотирмон буд. Мехостам маънои номи «Маланд»-ро фаҳмам. Маълум гардид, ки гузаштагони маландиён асл аз Боғи Баланди Самарқанд омада будаанд. Мардуми атроф аввал Боғи Баландиён мегуфтаанд, баъд вожаи «баланд» тағйир ёфта, дар гўиши мардум «маланд» шудааст. Ҳатто як манзумаи халқӣ ҳам ҳаст, ки бо каме тасҳеҳ меорам:

*Зардолу зард аст,*
*Маландӣ мард аст.*
*Манзили авлод,*
*Боғи Баланд аст.*
*Асли ин мардум,*
*Аз Самарқанд аст.*

Решапайвандии якдигарро бе ягон душворӣ собит кардем. Он бибикалони мо духтари бобокалони маландиёни Узун бобои Қўзибой будааст. Таърихчаи ба Боғучорбоғ арўс шудани бибикалонамонро, ки ҳатто номаш дар ёдҳо намонда, танҳо момаи Маландӣ ёд мешавад, дар мақолаи худ, ки зикраш дар боло рафт, оварда будам. Танҳо ҳаминро зикр мекунам, ки дар Боғучорбоғ сулолаи мо ба исми бобокалонамон не, бештар бо кунияти бибикалонамон Маландӣ маъруф гаштааст.

Сипас, бо сарварии Ҷумъақулбобо ва фарзандони бобои Раҳимқул аҳду паймон кардем, ки ҳатман алоқаҳоро мустаҳкам мекунем. Суҳбати мо гарм буд. Баъд бо иҷозат ва дуои Ҷумъақулбобо қафо гаштем. Бо бобои Раҳимқул ҳам хайрухуш кардем ва дуои ин пири нуронинро гирифтем. Раҳимқулбобо шодон аз ҷой хеста гуфт, ки аз ин беморӣ хезад, албатта ба Деҳқонобод меравад.

Фардои он рўз, ки Рўзи хотира буд, ман ҳатман бояд барои зиёрати қабри бобою бибӣ ва падару модарам ба Боғучорбоғ мерафтам. Барои ҳамин ҳам мо саҳарии барвақти 8-уми май ба роҳ баромадем.

Ба хешон расондам, ки як решаи сулолаи мо бо мардуми деҳаи маландиёни ноҳияи Узун тавъам аст. Аммо 11-уми май хабардор гаштам, ки Бобои Раҳимқул, ки бисёр мехост меҳмони мо шавад, аз олам гузаштааст. Сад дареғ, ки орзуи дидорро бо боқии маландиёни Деҳқонобод ба хок бурд. Аммо баъдтар хешовандони дигар меҳмони мо шуданд.

Аз ин воқеа зиёда аз даҳ сол гузашт, аммо мо хеле шодем, ки як мақолаи Нуралӣ Раҷаб – хабарнигори вилоятии рўзномаи «Овози тоҷик» моро ба ҳам васл кард. Аз ин рў, таборони мо аз нашрия хеле миннатдоранд.

**Эшонқул Ҳамрозоди МАЛАНДӢ,**
**ноҳияи Деҳқонободи вилояти Қашқадарё.**

# РЕШАПАЙВАНДОН

***ё дар бораи он ки чӣ хел «Овози тоҷик» моро ба ҳам васл кард!***

Аз силсилаи «Маорифпарварон»

# ФАХРИДДИНИ РОҶӢ

Фахриддини Роҷӣ аз шоирони маорифпарвари Мовароуннаҳр буда, фаъолияти ў асосан ба нимаи аввали асри XX рост меояд. Ў дар оилаи шоир Нуриддини Ҳодӣ дар гузари Зингарони шаҳри Самарқанд соли 1880 таваллуд шуда, маълумоти ибтидоиро аз падари бузургвораш мегирад. Бинобар он ки падараш хаттоти хеле хушхат буд, Роҷӣ аз давраи бачагӣ ин ҳунарро низ мукаммал меомўзад. Баробари ин бо кумаки падар аз илми шеъру шоирӣ ва олами ислом баҳравар мешавад.

Дар ибтидои солҳои 1900-ум дар музофотҳои Самарқанд бо ташаббуси маорифпарварон мактабҳои навусул ташкил ёфта, дар онҳо фарзандони мардуми маҳаллӣ баробари илмҳои динӣ фанҳои дунёвиро низ меомўхтанд. Роҷӣ соли 1912 мадрасаро хатм карда, чанд муддат бо фаъолияти мактабҳои ҷадидии маорифпарварон Абдуқодир Шакурӣ, Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ, Сиддиқии Аҷзӣ ва дигарон, ки дар маҳалҳои гирду атроф амал доштанд, ошно шуда, дар маркази гузари худ – Зингарон мактаби усули ҷадид мекушояд ва аз пайи саводомўзии наврасон мешавад. Мактаби Роҷӣ қариб даҳ сол фаъолияти пурсамар нишон дода, даҳҳо нафар наврасонро бо илмҳои дунёвию динӣ мусаллаҳ мекунад. Баробари ин вай мунтазам аз пайи эҷоди шеър мешуд. Мактабу маориф, таълиму тарбия ва ғайра мавзўъҳои асосии ашъори ў буданд.

Тавре ки зикр шуд, Роҷӣ хушнавис – хаттоти моҳир ҳам буд, ашъори баъзе шоирони давраи худро китобат мекард. Дар маҳфилҳои адабӣ, ки устодаш Васлӣ ва дигарон ташкил мекарданд, фаъол иштирок менамуд. Дар ин гуна шабнишинҳо барои пешрафти кори мактабҳо, баланд бардоштани савияи маърифат ва маданияту ҳунармандону деҳқонон сухан мегуфт. Барои дар Самарқанд ташкил намудани нашриёҳо ба забони тоҷикӣ пешниҳодҳо мекард. Дар ин бора шеърҳои оташин менавишт. Ў ҳимоятгари озодии халқи меҳнаткаш ва истиқлолияти ватани азизи худ буд.

Ниҳоят дар таърихи 1-уми апрели соли 1919 дар Самарқанд бо номи «Шуълаи инқилоб» нахустин маҷаллаи тоҷикӣ нашр гардид. Дар он Саидризо Ализода сармуҳаррир, Козимзода ҷонишин, Фахриддини Роҷӣ котиби масъул таъин шуданд. Дар сармақолаи шумораи аввали ин маҷалла вазифаҳои асосии он чунин муайян шуда буданд: «Ягона мақсад ва маслаки мо ба Ватан хизмат кардан аст. Мо қалам меронем барои озодӣ ва осоиштагии ранҷбарон ҷиҳати ба даст омадани ҳуқуқи поймолшудаи мазлумон. Барои расидан ба мақсади муқаддаси худ мо қаламу худро тез карда, бо душманон ва мухолифон то охири нафасамон мубориза мебарем ва дар ин роҳ аз ҳеҷ гуна мавоқеъ (монегиҳо) ва таҳдид заррае намеандешем. Маслаки мо ҳақ ва мо фидои ҳақ ҳастем. («Шуълаи инқилоб», 1919, № 1).

Фахриддини Роҷӣ аз аввалинҳо шуда шеъру мақолаҳои баҳсталаби худро интишор мекард. Устод Айнӣ, ба Самарқанд кўч баста буд, бо Роҷӣ алоқаи дўстона пайдо карда, ба кори ҷамоаи маҷалла аз наздик кумак мерасонд. Шеъри «Ҷаҳони нав»-и Фахриддини Роҷӣ, ки ба озодии Ватан ва дўстии халқҳо бахшида шуда буд, бо чунин мисраъҳо оғоз меёбад:

*Эй туӣ муддаои ҳар миллат,*
*Эй туӣ муддаои ҳар уммат!*
*Офтобе шудаву шуъла задӣ,*
*Шудӣ имрўз ҳокими абадӣ.*

Яке аз вазифаҳои муҳими назми солҳо 20-уми асри гузашта шинохтан ва эътироф кардани синфи меҳнаткаш, дар навбати аввал синфи коргар буд, ки бунёдкори ҳаёти нав, барҳамзанандаи дунёи куҳнаву асоси зулм, барпокунандаи осоиштагии инсонӣ мебошад. Оид ба ин мавзўъ дар «Шуълаи инқилоб» Садриддин Айнӣ, Ализода, Аҷзӣ, Қурбӣ, Ҷомеъ, Мунзим ва дигарон низ шеърҳои пурмазмун эҷод мекарданд.

Фахриддин Роҷӣ дар маҷаллаи номбурда аз аввали таъсис то аз тарафи душманони миллат баста шудани он (21-уми декабри соли 1921) ҳамчун котиб-хаттот виҷдонан кор карда, 91 шумораи «Шуълаи инқилоб»-ро хаттотӣ ва дар матбааи сангӣ чоп намудааст.

Бо ташаббуси арбоби ҷамъиятӣ, шоири маорифпарвар Абдуқаюми Қурбӣ, устод Садриддин Айнӣ ва Саидризо Ализодаву чанде равшанфикрон 25-уми августи соли 1924 шумораи аввалини рўзномаи «Овози тоҷик» аз чоп баромад. Роҷӣ дар он ҳамчун муҳаррири адабӣ фаъолияти худро давом дод, барои чоп ва паҳн кардани рўзномаи мазкур корҳои зиёд кард. Дар назди таҳририяти рўзнома маҳфили адабӣ ташкил намуда, ба он сардорӣ кард. Ҷавонони шоиртабъу шеърдўстро дар атрофи худ ҷамъ намуда, асрори шеър ва шеърнависиро омўзонид.

Дар итидои солҳои сиюми асри гузашта бо таклифи Вазорати таълими халқ, аввал дар курси муаллимтайёркунӣ ва баъдтар дар омўзишгоҳи педагогии дар Самарқанд будаи Тоҷикистон кор кард, барои тайёр кардани кадрҳои педагогӣ дар мактабҳои Самарқанду Бухоро ва Бухорои Шарқӣ (Тоҷикистони имрўза) саҳми арзанда гузошт.

Нависандаи ин сатрҳо бо пасовандони имрўзаи Фахриддини Роҷӣ, аниқтараш бо абераи шоир, ки Зайниддин ном дораду дар гузари Чақар – ҳавлии бобоӣ зиндагӣ мекунад, дер боз ошноӣ дорам. Рўзе ў ба ман ёддоштҳои олими забардаст, доктори фанҳои филологӣ, профессор Холиқ Мирзозодаро дод, ки дар зер аз он иқтибос меорам.

«Ман бо Роҷӣ шинос будам. Дар дорулфунуни Ўзбекистон (Донишгоҳи давлатии Самарқанд. – **Ҳ.Ч.**) мехондам ва дар техникуми педагогии тоҷикии духтарона кор мекардам. Ҷойи корамон дигар-дигар буд. Ман ўро бештар дар Растаи Нав медидам, ки дар сар телпак, дар даст асо аз техникуми педагогии писаронаи шаҳр ба хона ва аз хона ба техникум мерафт. Ману Баҳром Ҳоҷизода (баъд дотсент вафоташ соли 1936), студент будем. Соли 1933 дар даромадгоҳи гузари Чақар дар ҳавлии берунии Роҷӣ иҷорашин будем. Пагоҳиҳо вомехўрдем. Бисёртар шабонгоҳ 2-3 соат нишаста, аз шеъру шоирӣ ва эҷодиёти классикон ва илми хаттотӣ суҳбат мекардем. Ба саволҳоямон аниқу боварибахш ҷавоб медод. Он солҳо шеърҳои Фахриддини Роҷӣ дар нашриёҳои «Шуълаи инқилоб» ва «Овози тоҷик» хеле бисёр рўйи чопро медид. Муаллим ва хаттоти хуб, нозиму мухаррири нағз буд».

Аз ин гуфтаҳо маълум мешавад, ки Роҷӣ ба олими забардаст Холиқ Мирзозода ва Баҳром Хоҷизода ҳаққи устодӣ доштааст. Баъдтар ҳар дуи онҳо ба пешрафти илми адабиёт ва забоншиносӣ хидматҳои бемисл карданд.

Сад афсўс, ки чун садҳо қурбониёни маориф Роҷӣ ҳам бо туҳмати аксулинқилобчӣ соли 1937 таъқиб шуда, дар маҳбусхонаҳои дурдасти Русия ба муддати даҳ сол азобу шиканҷа кашид ва берун аз хоки ватани азизаш ҷон дод.

## НАМУНАҲО АЗ АШЪОРИ РОҶӢ

*Эй, туӣ муддаои ҳар миллат,*
*Эй, туӣ муддаои ҳар уммат!*
*Офтобе шудиву шуъла задӣ,*
*Шудӣ имрўз ҳокими абадӣ...*
*Эй ҷаҳони нав, эй умед биё,*
*Парда аз рух бияфкану*
*бинамо!*
*Кураи арз ҷумла хоҳонанд,*
*Ҷумлаҳое, ки ҷумла медонанд.*
*Ба каломи ту ҷумла гўш*
*диҳанд,*
*Деги ин маъниро ба ҷўш*
*диҳанд.*

## Ватан

*Барои мову ту ҳам меваю таом*
*диҳад,*
*Барои хастагии мо даво ҳавои*
*Ватан.*
*Ватанпараст набошӣ,*
*намешавӣ одам,*
*Агар ту одамизодӣ, бишав*
*фидои Ватан!*
*Барои ҳифзи Ватан миру аз*
*Ватан магзар!*
*Бирез хуну ситон, яъне*
*хунбаҳои Ватан.*

**Ҳамза ҶЎРА,**
**узви Иттифоқи журналистони Ўзбекистон.**




*Истироҳатгоҳи солимгардонии бачагонаи «Зарафшон» 6 километр дуртар аз шаҳри Зарафшон воқеъ буда, дар он солимгардонии 2160 нафар наврасони аз 7 то 14 сола пешбинӣ шудааст. Дар «Зарафшон» ҳамчунин тарбиягирандагони оилавии бачагон, фарзандони оилаҳои ба ҳифзи иҷтимоӣ ниёзманд, 80 нафар фарзандони оилаҳои шомили «Дафтари оҳанин» ва «Дафтари бонувон» истироҳат мекунанд.*

*Дар мавсими тобистонаи соли равон ба истироҳатгоҳ 74 ходим ҷалб карда шудаанд, ки 41 нафарашон мураббӣ ва 20 нафари дигар пешоҳанг мебошанд. Ба ин ҷо роҳбарони маҳфил, китобдорон, муҳофизи оид ба шиноварӣ, мураббиёни варзиш, роҳбари мусиқӣ низ ҷалб гардидаанд. 2 шифокор ва 7 ҳамшира посбони саломатии кўдакон мебошанд.*

***Дар сурат:*** *дар истироҳатгоҳи солимгардонии бачагонаи «Зарафшон».*

***Суратгир: С. АСЛОНОВ (ЎзА).***

# ТАШНОБҲОРО АЗ ПАРТОВ ТОЗА МЕКУНАНД

***То ин дам берун аз шаҳри Ҷиззах, канортари шоҳроҳи мошингарди М39 иншооти махсус арзи вуҷуд дошт ва он оби ташнобҳоеро, ки аз маҳаллаҳои шаҳр ва корхонаҳо мебаромад, тоза мекард. Бо мурури вақт иншоот кўҳна шуд ва торафт корношоям гардид. Муддате атрофу акнофи беруни шаҳрро ҳавои номусоид фаро гирифт ва бўйи бад паҳн гардид. Охир, қариб чил фоизи обҳои партов ба ин иншоот интиқол дода мешуд.***

Ба наздикӣ, барои обҳои ташноби ҳафт маҳаллаи шаҳр ва корхонаҳои хурду бузурги онро аз партовҳо тоза намудан иншооти нав ба кор андохта шуд. Назар ба гуфти муҳандиси он Фарҳод Худоёров ба ин иншоот қубури дорои 1200 диаметрӣ пайваст гардид ва он ҳамагуна ташнобҳоро аз партовҳо тоза мекунад.

Танҳо аз аҳолии шаҳр хоҳиш ба амал меоварем, ки ҳамагуна ашёҳоро ба ташнобҳо ҳаво надиҳанд, ҷисмҳои сахту дурушт, тагпўшҳои бачагона кори иншоот ва умуман канализатсияро мушкил мегардонад, – гуфт Ф. Худоёров.

**Анорбой НАЗАРОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти ҶИЗЗАХ.*

***Бо ғайрату шуҷоати калонсолон ва қувваю ташаббускории наврасон бисёр корҳои муфидро ба амал татбиқ кардан мумкин. Инсони таҷрибанок, серҳаракат, кордону пухта, ғайратманду шуҷоатнок дар ҷамъият ҷойи худро меёбад. Ба ҳаёт, ба зисту зиндагонии мардум, ба ҷамъият файзу барака мебахшад.***

# ДАР ХИДМАТИ ХАЛҚ

Тоҳирахони косонсойӣ яке аз ҳамин гуна занҳои пешқадаму ғайратманд ба шумор меравад.

Ӯ аз давраи бачагӣ ростгӯй, қатъиятнок ба воя расид. Агар гуфтан ҷоиз бошад, ба калону хурди маҳалла «дарс» медод. Ҳушёру чолок буду бисёр китоб мехонд. Дар мавзӯъҳои оиди суд, ҳуқуқ, прокуратура ва асарҳои детективиро бисёртар мутолиа мекард. Ба ҳуқуқшиносӣ шавқу ҳаваси ҷудогона дошт.

Баъди хатми мактаби миёна орзу дошт ба пойтахт рафта хонаду ҳуқуқшинос шавад. Аммо падару модараш ба сабаби дур будани роҳ ба ин розӣ нашуданд. Вай аз аҳдаш нагашт. Ба идораи суди ноҳия котиба шуда ба кор дохил шуд. Ин саъю кӯшиш ба оянда қадами аввалин ба кори пурмашаққату лекин пуршараф буд. Соли 1977 баъди хатми факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии Тошканд дар давоми 9 сол вазифаи раиси суди ноҳияи Косонсойро ба ӯҳда гирифт. Вазифаҳои мудири шуъбаи вилоятии адлия, ҷонишини ҳокими ноҳия, раиси кумитаи занону духтарони ноҳияро ба зимма гирифта, аз тахти дил фаъолият бурд.

Соли 2017 ӯро ба «Қабулхонаи халқӣ» роҳбар таъин карданд. 7 сол инҷониб, апаи Тоҳирахон ба «дарди» косонсоиён марҳам мешаваду роҳи дуруст нишон медиҳад. Муаммо ва камбудии онҳоро бо идораҳои мутасаддӣ якҷоя ҳал мекунад.

Хизматҳои шоистаи Тоҳирахон Мӯйдинова аз тарафи давлатамон сазовори эътибор гардид. Медали «Содиқ хизматлари учун» ба кори пуршарафи ӯ мукофот шуд.

50 сол аст, ки бо ҳамсараш Маҳмудҷон умр ба сар мебаранд. Ду духтару як писарро ба Ватан, ба халқ хизматрасон карда тарбия карданд. Шаҳнозаю Ҷамшед касби модарашонро давом медиҳанд, Гулчаҳон бошад, бо тарбияи насли наврас машғул аст.

**Шоҳида ДАМИНОВА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти НАМАНГОН.*

*Машъалони маориф*

# ҲАЛОЛ АСТ ПОРАИ НОНИ МУАЛЛИМ

Камина муаллим Фахриро ҳанӯз аз даврахои мактабхониам хуб мешинохтам. Вале на ҳамчун омӯзгори варзида, балки як паҳлавони маъракаву тӯйҳои гузар. Дар ёд дорам, дар деҳа тӯйи суннатии ҳамдеҳаам барпо мешуд ва аз ҳар гӯшаву канор меҳмонону паҳлавонҳои зиёде ҳозир шуда буданд. Рости гап, солҳои пеш ҳар кас, ки тӯйи суннатӣ медод, ҳатман маъракаи гӯштингирӣ ташкил менамуд ва ин анъана солҳои охир каме коста шудааст...

...Анбӯҳи зиёди мардум. Паҳлавонҳои номӣ як-як баромада, гӯшаи табақчаеро, ки дар майдони гӯштингирӣ гузошта шуда буд, меқапиданду ба ҷойи худ мерафтанд. То ҳамин вақт ин намуди ташкили корро дар маъракаҳои гӯштингирӣ надида будам, бароям хеле ҷолиб метофт. Ғайричашмдошт аз байни издиҳом овози баланди нафаре шунида шуд, ки мегуфт: «Фахрӣ, ҳо Фахрӣ, ту ҳам баро, то кай бегонаҳо омада солимҳои калонро мебаранд! Баро гуфтам!» Ниҳоят аз гӯшаи маърака як ҷавони тануманди кӯтоҳқомат низ омада, як гӯшаи табақчаро қапиду ба гӯштингирӣ ҳозир буданашро изҳор кард. Ҳамин тавр навбат ба солими калони тӯй, яъне тана (гов) расид. Довар барои қувваозмоӣ ду нафарро номбар кард, ки яке аз онҳо Фахрӣ буд. Ва ниҳоят, вай рақиби худро зуд мот сохт магар, ки аз атроф садои «Ҳалол», «Шуд», «Бас», »Зад» пасопеш баланд шудан гирифт...

Фахриддин Йӯлдошев якуми январи соли 1964 дар деҳаи Синтаби ноҳияи Нурато дар оилаи ронанда ба дунё меояд. Маълумоти миёнаро дар мактаби рақами 38-уми деҳа гирифта, пас дар курси ронандагӣ таҳсил менамояд, баъд ба хидмати ҳарбӣ даъват шуда, баъди хидмат ҳуҷҷатҳояшро ба Донишкадаи омӯзгории Самарқанд ба номи С.Айнӣ супорида, донишҷӯйи шуъбаи ғоибонаи факултети забон ва адабиёти тоҷик мегардад. Ва инак, имрӯз ба касби омӯзгорӣ машғул аст.

Ба наздикӣ бо мақсади зиёрати падару модар ва хешу табор ба деҳа рафта будам. Вале ҳанӯз ба манзил норасида, дар роҳ садои телефонам баланд шуд. Гӯшакро бардорам, Фахрӣ Йӯлдошев.

– Ало, лаббай.

– Домуллоҷон, шумо дар куҷо?

– Дар роҳам, ба деҳа меравам.

– Хеле хуб, айнан шумо даркор будед, ҳоло аз куҷо меоед?

– Аз Фориш гузаштам, муаллимҷон, чӣ гап?

– Бо шумо як масъалаи муҳимро бояд ҳал мекардем.

Ва ҳамин тавр ҳам шуд, ки мо то ба деҳаи худ нарасида, дар роҳ ба мактаби деҳаи Соби ҳамсоя, ки вай дар он ҷо буд, даромадем.

Матлаб аён шуд. Ҳам набера ва ҳам шогирди муаллим Фахрӣ ҳамон шабонарӯз ба имтиҳоноти олимпиадаи ҷумҳурӣ тайёрӣ медидааст ва маҳз барои санҷидани дониши вай ӯро ба мактаби ҳамсоя ба назди муаллими фанни забону адабиёти тоҷик Бахтиёр Холов оварда будааст. Се нафар шогирдро саволборон кардем. Маълум буд, ки наберай муаллим ба фанни забону адабиёт дилбастагӣ ва меҳри беандоза дорад, зеро дар вақти саволу ҷавоб ҳис кардам, ки қариб аз аксарияти шоирони адабиёти классику навин, ки дар китобҳои дарсӣ ҳастанд, ғазал мегӯяд ва ё лоақал рубоӣ ё порчаи шеъриро аз ёд медонад. Баъд аз он ки ягон саволам беҷавоб намонд, ҳисси кунҷкобиам баланд гирифту гуфтам, ки олимпиада натиҷаи саволу ҷавобро ҷамъбаст наменамояд ва ту бояд ҳатман дар иншонависӣ низ маҳорат дошта бошӣ.

Шогирд ҳамоно:

– Мана муаллимҷон, инҳо намунаи иншоҳои мананд, гуфта ду дафтарро ба сӯям дароз кард. Дафтарҳоро аз назар гузаронда истода, пеш аз ҳама ба ҳусни хат эътибор додам, ки хеле хушхат менамуд, сонииян як-ду иншоро аз назар гузаронда, қобилияти эҷодӣ доштанашро низ фаҳм кардам.

Оре, баъзан заҳматҳои зиёди омӯзгорон зери парда мемонад, вале муаллим Фахрӣ аз натиҷаи хидматҳои худ розист. Вай солҳои тӯлонӣ шогирдони зиёдеро тарбия кардааст, ки дар соҳоти гуногуни зиндагӣ машғули кору вазифаҳо мебошанд. Омӯзгори тоифаи олӣ. Ҳоли ҳозир ҳам бо ғайрати дучанд аз пайи тарбияи шогирдон мебошад.

Муаллим Фахрӣ соҳиби 5 нафар фарзанд ва якчанд набера аст. Ба маънои том зиндагии хуррам дорад. Дар ҳамон вохӯрӣ номаълумакак савол додам, ки дар вақтҳои холӣ ба чӣ кор банд мешавад. Бо табассум: «Дар ман вақти холӣ ку? Кӯҳзодҷону Фаридунҷон ба ман вақти холӣ намедиҳанд», – гуфта ба наберагонаш ишора кард.

– Муаллимҷон, барои шогирдони болаёқат тарбия кардан бояд чӣ кор кард, ин аз муаллим вобаста аст, ё аз қобилияти худи шогирд?

– Э, ин худаш маълум. Омӯзгор бояд шабу рӯз кор кунад. Пеш аз ҳама симои муаллимии худро гум накунад. Агар муаллим аз тахти дил кор барад, шогирд ҳатман аз пайи вай меравад. Дар ҷараёни корбарӣ як чизро хуб фаҳмида гирифтам, ки ҳаштод дар сади интихоби касби шогирдон ба муаллим вобаста аст. Муаллим мисле ки кордро қайроқ зада тез мекунанд, талабаро бояд сайқал диҳад. О, ман муаллимонеро медонам, ки худашон ба тарбия муҳтоҷанд. На рӯзнома мехонанд ва на китоби бадеӣ! Агар кор ин тавр ранг гирад, аз шогирдон гила кардан нодуруст аст.

Бале, муаллим Фахрӣ бо завқ ба саволҳои камина ҷавоб медоду аз заҳмати устодони гузаштаи худ ёдовар мешуд.

Ҳаёт якранг нест. Баъзан пасту баландиҳо дорад. Ба қавле, Худованд бандагони ба худаш наздикро бо имтиҳоноти сахту сангин месанҷад. Ва ин санҷишҳо аз одамизод сабру таҳаммул талаб мекунад. Муаллим Фахрӣ низ аз санҷишҳои сахти Худованд бенасиб намонд. Як нафар писари ягонаи худро дар ҷавониаш ба хок супурд. Фикратҷони сисола солҳои дароз ба бемории серрози ҷигар гирифтор шуда буд. Бо вуҷуди он, вай дар мактаби деҳа ба ҳайси муаллими забон ва адабиёти тоҷик ва дертар дар вазифаи ҷонишини директор кор кард. Ин дарди бедаво ба ҷону тани вай зӯр овард ва ниҳоят риштаи умраш дар айни навҷавонӣ канда шуд... Аз ӯ ду писари дӯстрӯ – Кӯҳзодҷону Фаридунҷон ба ёдгор монданд ва муаллим онҳоро ба тарбияи худ гирифт.

Ба қарибӣ вай ба синни нафақа расид. Вале ҳанӯз ҳам бо ғайрати дучанд вазифаи худро иҷро мекунад. Худи ҳамин сол шогирдаш, ки дар боло ёдовар шудем, бинобар ғолиби озмуни вилоятӣ шудан, вайро ба изофапулии Вазорати таълими томактабӣ ва мактабӣ пешниҳод карданд. Дар ҳамин синну сол боз имтиҳон супорида, аз он бомуваффақият гузашт.

**Ҳикмат СУЛТОНЗОДА,**
**устоди ДДОЧ.**

# ДАР ОРЗУИ РӮШНОӢ

*(Лавҳа)*

Нарзулло духтур рӯйи ду қабат кӯрпача хобидааст. Аз қаъри вуҷудаш як найчаи резинӣ зардоби танашро берун мекашад. Баъди ҷарроҳии вазнин, инак аз бемористон ба хона баргаштааст. Он рӯзҳо вазъаш хеле сангин буд, гоҳ ба ҳуш ояд, гоҳе мадҳуш хоб мекард! Ҳоло аз шарофати талошҳо, ба қавле аз он дунё баргаштаву дар ҳалқаи фарзандон ва наберагон қарор дорад: – нафасгириаш мураттаб, иштиҳояш барқарор шудааст. Ба ин тартиб, неруи танаш ҳам меафзояд... Аммо гоҳ-гоҳ фишорбаландӣ азият медиҳад, ки аз дардҳои кухнаи ӯст. Хоса дар айёми гармо зуд-зуд тағйир ёфта, то ба эътидол расидан азоб мекашад.

– Умедамонро билкул канда будем, ака! Муллои деҳа ду бор «Ёсин» фаровард. Аҳли оила тараддуд медиданд. Ҳамдеҳагон гӯшбақимор буданд... Аммо, шукр, ҳамин шабону рӯзон ҳолашон хуб аст. Пас, ба бахти мо, ҳанӯз умрашон боқист, – гуфт Суҳроб ва радиоро ноаён хомӯш кард, ки беист ғингос мезад. Баъд рахтхобу либосҳои беморро мураттаб сохт. Суҳроб, писари хурдии хонадон буда, бештари вақти худро дар парастории қиблагоҳаш сарф мекунад. Ба як ҳисоб, беморбон аст.

Гуфтугузори мо ба гӯши Нарзулло духтур нишаста, чашм кушод.

– Кӣ омад?

Овозаш равшан аст, «нигоҳи» дидагони оҷизаш ба ҳар самт рафта, дар «торикӣ» моро меҷӯяд.

Вақте хиҷолат кашида баландтар ҳарф задаву худро шиносонидам, чунон шод шуд, ки...

– Э-ээ, ман садқаи қадамҳотон. Писари ҳамсинфам-ку. Аз ҳамин қадар роҳи дур омадед-а? – гӯён бо вуҷуди муқобилати ман дикак нишаст. Суҳроб зуд ба кӯмаки падар шитофта, ба пушташ болишти иловагӣ гузошт.

Ба сар то ба пояш нигоҳ давонда, ба таассуф аз дил гузаронидам:

Духтури аввалини деҳаи мо пир шудааст. Як замонҳо, ҳатто зери барфу борон, ё сармоҳои шадиди зимистон... дар ба дари мардуми корафтода мегашт.

Вай ҳар киро аз пайвандони падарам дар ёд дошт, батафсил пурсид ва ногоҳ чашмонаш ғарқи об гаштанд, сахт ба риққат омада, хеле оби дида рехт. Ин дам аз дили ғамгусораш чӣ мегузашт, намедонам. Пас аз фурсате боз ба забон омад.

– Бо падарат – Абдухалил дӯстони ҷонӣ будем, кӯдакиву наврасиамон дар ҳамин кӯчаҳо гузаштанд, даҳ сол дар як синф таҳсил гирифтем. Ҳатто аз овозаш мешинохтем, ки ҳоло аз назди мо мошини кадом ҳамдеҳа убур кард. Аммо афсӯс, ки ҳамсояи ман – Тӯрабойи зарофатгӯ ҳам зуд рахти сафар баст... Ҳоло танҳоии маро ҳамин радиои серҷоғ мезудояд. Ман ин радиочаи хурдакакро ба шарафи ҳамсояи раҳматиам «Тӯрабой» ном гузоштаам, – беозор механдад ӯ. – Вай ҳам беист гоҳ ахбори ҷаҳонро ба гӯшам резад, гоҳ бо сурудҳои дилнишин хотири ошуфтаамро таскин мебахшад. Ин вахмеро дар дил роҳ намедиҳанд. Ман ҳам аз фариштаи ҷонситон – Ҷабраил чандон боке надорам. Бигзор, дер ё зуд, аз пайи амонати Аллоҳ ба сарам ҳозир шавад...

Дар миён боз сукут меафтад. Ҳар кадоме аз мо ба дарёфти мағзи суханҳои духтур андармон мешавем. Ман ба чинҳои ҷабини ӯ мутаваҷҷеҳ шуда, дафтари умри ин духтури ҳамеша ҳозиру нозири деҳаро оҳиста варақгардон мекунам...

Суҳроб мевахои ширини дарахти умри эшонанд...

Нарзуллоро дар бемористони марказии ноҳия ба кор қабул мекунанд. Зиёда – арӯси нозанини хонадон дар бахши баклабораторияи бемористон ба кор шурӯъ мекунад. Нарзулло ҷамъулҷамъ 42 сол кор карда, қариб ба ҳар хонадони мардуми Бойсун чандин бор даромада, ба беморон кумаки аввалия расонидааст. Ин аст, ки бошандагони аксари деҳаҳо хуб мешиносанд ва эҳтиромаш мекунанд.

Завҷаи дар меҳр ягонаашро низ бошандагони деҳаи Бибиширин хеле дӯст медоштанд. Мутаассифона, соли 2015 Зиёдаапаи меҳрубон ва шарики дамҳои ғаму шодии Нарзуллои духтур ба ҷавори Ҳақ пайваст. Ин талафот ва андӯҳи гарон камари духтури деҳаро шикаст. Вай як муддат аз ҳаёт дилхунук шуд...

– Ишқи авалин ва вопасини ман буд Зиёда. Фариштаамро хеле пазмон шудам, – мегӯяд духтур ва овозаш меларзад.

Ва... боз оби чашм мерезад.

Вай ҷони одам буд. Вақте пеши Худо рафт, сад дареғ.., гӯё нисфи диламро бо худ бурд. Эҳ-ҳаа... Агар ҳоло зинда мебуд, рӯзе ду маҳал аз ҳолам хабар мегирифт.

Духтур боз мил-мил оби дида рехта, дубора ба сухан омад:

– Аёдати бемор аз як ҷаъбаи пури дорую даво беҳтар аст! Шумо аз дар даромадеду ман ҷон гирифтам. Аммо ба чунин расми аҷдод имрӯз завол расидааст. Ҳама шояд дар ғами молу манол афтодаанд...

«Рост...» – мегӯям дар дил ва аз худ хафа мешавам, ки чаро пайрави содиқи ин суннати ниёкон нестам!

– Як ҳамсоя доштам, – ба ишораи сар самти зисти ӯро нишон медиҳад. – Ду ҳавлӣ фарозтар зиндагӣ мекард. Номаш Тӯрабой...

– Мешиносам.

– Ҳамон бандаи қобили Худо мисли ман оҷиз буд – чандин сол дар шабистон мезист. Вай аз шаш иқлим сухан карда, маро зиқ шудан намегузошт. Дар вуҷуди хурдакаки ӯ ин қадар гапи дунё чӣ хел ҷой гирифта буд, дар тааҷҷуб мемондам! Ду мӯйсафеди нобино, аммо чашми диламон равшан... аз саҳар то дари бегоҳ дар кӯча нишаста, суҳбат мекардем. Ин тавр, мефаҳмам, ки шаб фаро расидаву пас аз фурсате рӯз меояд. Ҳаёт дар муҳити деҳа меҷӯшад, аммо ман ҳамоно дар торикӣ ба сар мебарам, аз кулли нишот маҳрум ба зиндагии худ идома медиҳам.

Духтури бемор аз пешу бар дастрӯймол кофт ва чун Суҳроб ба дасташ қапонд, оҳиста ба чашм бурдаву оби дидагонашро пок кард. Ман аз дидани акнун нотавониҳои ин духтури деҳаамон, ки аз барои табобат чандин касро ҳатто то худи шаҳри Маскав роҳбалад гашта буд, дарундарун ғусса хӯрда, чун таомул ҳол пурсидаву бо чанд ҳарфи гарм дилбардорӣ намудам.

Ноаён лаб газид ва як табассуми сард гирди лабонаш пайдо шуд. Ду даст рӯйи ҷогаҳ ҳамвор сохта, китф дарҳам кашид – мурод, шояд ин тавр бесадо гуфтан мехост, ки ҳамааш дар дасти Парвардигор, агар изн диҳад, боз чанд сол хоҳам буд, вагарна...

– Муллову духтур аз марг наметарсанд, – гуфт ниҳоят хандида. – Чунки дар ҷараёни ҳаёт назар ба дигарон аз ҳақиқати кори Худо бештар огоҳ мешаванд. Яъне медонанд, ки фарҷоми зиндагӣ оқибат марг аст... Бинобар ин рӯҳан ба ин ҳақиқати кулл омода мешаванд ва ҳаргиз

Нарзулло Худойқулов соли 1948 дар деҳаи Бибиширини ноҳияи Бойсун таваллуд шуд. Падари ӯ Худойқул Ёдгоров аз сарбозони ҳақиқии Ватан буд. Вай дар набардҳои Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ ширкат варзидаву қаҳрамонона душманро то худи боргоҳаш – Берлин саркӯб кардааст. Вақте аз барои дидору мулоқот ба дабистони мо меомад, сари синаи ин марди майдон аз медалҳо пур буд... Модарашро Норхол мегуфтанд. Вай як бандаи ятимпарвар буд. Дар он замони сахт қатори фарзандони худ чандин бачаи бепарасторро калон карда, аз чанголи марги беамон наҷот додааст. Онҳо то охири умр ин зани дар меҳр ягонаро модари худ меҳисобиданд. Нарзулло ҷигарбанди чунин шахсони биҳиштӣ буда, пас аз хатми мактаби миёнаи рақами 5-уми ноҳияи Бойсун солҳои 1964-1966 дар шаҳри Қаршӣ чун коргари санитарию техникӣ кор кард. Он солҳо дар Бойсун омӯзишгоҳи тиббӣ кушода мешавад. Нарзулло ин омӯзишгоҳро хондаву соҳиби диплом мегардад. Дар ҷараёни таҳсил ба Зиёда Холназарова ном ҳамсабақи худ дил мебандад. Онҳо соҳиби се фарзанд мешаванд. Фарҳоду Рустаму

Фаҳмидам, ки духтур сенздаҳ сол боз дар иҳотаи зулмати махуфе умр ба сар мебарад ва дар орзуи дидани рӯшноӣ ҳар саҳар чашм мекушояду ногузир худро дар шабистони бетаке меёбад. Комилан оҷиз аст духтури мӯйсафед! Нури дидагонашро дар гирудори ҳаёти бешафқат бохтааст. Ҳоло шабу рӯз барояш ҳукми яксон доранд – тиpаву тор! На ба дидани ҷамоли офтоб муяссар мегардаду на ба тамошои шукуфтани ситораҳою маҳтоб! Ба ҷуз аз дарди бедармони пирӣ боз сад маризии дигаре ба тану ҷонаш таҳдид мекунанд ва ӯ ҳар қадоми онҳоро дар орзуи дидани рӯзи рӯшан мардонавор таҳаммул месозад.

**Шариф ХАЛИЛ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти СУРХОНДАРЁ.*

*Варзиш*

# МАҚСАД – БАЛАНД БАРДОШТАНИ ПАРЧАМИ КИШВАР

***Маълум аст, Бозиҳои XXXIII тобистонаи олимпии Париж-2024 аз 26-уми июл то 11-уми августи соли равон баргузор мешавад.***

– Дар натиҷаи эътибори ҳукумат ва сарвари давлатамон ба мо – варзишгарон эътибори хоса зоҳир мешавад, – қабл аз парвоз ба пойтахти Фаронса иброз дошт чемпиони Осиё ва ҷаҳон дар ҷаҳиши сепар, соҳиби унвони «Беҳтарин атлетикачии сабуки ҷавони сол» Шарифа Давронова, – воқеан мо ба қувваозмоии олимпии «Париж-2024» тайёрии пухта дидем. Мақсад – баланд бардоштани парчами кишвар аст.

Имрӯзҳо варзишгарон дар шаҳраки олимпии Париж-2024 ба мусобиқаҳо омодагӣ мебинанд. Мо ба ҳамаи намояндагонамон комёбиҳои назаррас таманно дорем.

Бояд таъкид намуд, ки ғолибони қувваозмоии олимпии «Париж-2024» бо 200 ҳазор долларӣ сарфароз хоҳанд шуд.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА.**

*Сӯгворӣ*

# ҶАҲОН ҶОМУ ФАЛАК СОҚӢ...



Аз 41 нафар донишҷӯе, ки соли 1970 факултети филологияи тоҷики Донишкадаи давлатии педагогии Самарқандро хатм кардем, дар тӯли солҳои сипаришуда қариб нисфи онҳо ин оламро падруд гуфтанд. Чанде пеш хабари нохуши фавти боз як нафар ҳамсабақамон – Саврор Эрназаровро шунида, сахт андӯҳгин гаштем. Дар давоми солҳои таҳсил мо бо якдигар чун хоҳару бародар будем.

Саврор Эрназаров аз муаллимони пешқадами забон ва адабиёти тоҷики ноҳияи Сӯхи вилояти Фарғона ба шумор мерафт. Солҳои 1981-1983 ҳамчун сарбози байналмилалӣ дар хоки Афғонистон қарзи ҷавонмардии худро адо кард. Аз соли 1994 то охири умр дар мактаби махсуси рақами 1 омӯзгор буд.

Ҳарчанд дониши мукаммал дошт, лаҳзае аз илмомӯзӣ бознамемонд. Лаёқати баланди омӯзгориаш ӯро сазовори ҳурмату эҳтироми ҳамагон гардонид. Дилсӯзи мактабу маориф буд ва дар машваратҳои педагогӣ, ҷамъомаду тадбирҳо фаъолона иштирок менамуд. Ӯ ин рубоиро мудом зери лаб замзама мекард:

*Ҷаҳон ҷому фалак соқӣ,*
*аҷал май,*
*Халоиқ боданӯши*
*маҷлиси вай.*
*Халосӣ нест дар олам*
*касеро*
*Ахз ин ҷому аз ин соқӣ,*
*аз ин май.*

Танҳо як мисол: 36 нафар шогирдони вай дар олимпиадаҳои ҷумҳуриявии забон ва адабиёти тоҷик ғолиб гардида, бе имтиҳон ба мактабҳои олӣ қабул шудаанд. Ин шаҳодати кору заҳматҳои сангини муаллим аст. Барои хидматҳои шоёнаш Саврор Эрназаров сазовори унвонҳои ифтихории Аълочии таълими халқи Ӯзбекистон, Муаллими хизматнишондодаи Ҷумҳурии Ӯзбекитсон гардид.

Ӯ бо ҳамсараш Майрамхон Эрназарова 5 нафар фарзанд –Беҳрӯз, Фаррух, Парвиз, Гулрухсору Зарнигорро ба воя расонида, соҳиби хонаву дар карданд, бобову бибии 18 нафар наберагони ширин шуданд. Оилаи онҳо аз ҷумлаи хонаводаҳои намунавист.

Хислатҳои наҷиб, инсондӯстӣ, меҳру муҳаббат, одамиву одамгарии ҳамсабақ ва бародари азиз дар хотираи мо як умр нақш хоҳанд баст.

Ба аҳли оилаи Саврор Эрназаров сабри ҷамил таманно мекунем.

Ёдаш ба хайр, охираташ обод бод!

**Хамтмкардагони соли 1970-уми Донишкадаи педагогии Самарқанд ба номи Садриддин Айнӣ.**

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ
Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон тахти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-728.
Адади нашр 4245. Ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ.
Усули нашр – офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6
ISSN 2010-7757

Муҳаррири навбатдор: Т. Тӯхтаев.
Саҳифабанд-дизайнер: Х. Тӯхтаева.
Мувофиқи ҷадвал — 21.00
Ба чоп супурда шуд — 00.30

Нишонии мо:
100011 ш.Тошканд, кӯчаи Навоӣ, 30, ошёнаи 4.
Телефонҳо: қабулгоҳ: +998555200337;
Котибот +998555200336.
Факс: +998555200337.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.